ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ
ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 891. 550
ВБД: 83. 3 Тоҷ
Қ – 53

ҚАҲОРЗОДА МЕҲРОҶИДДИНИ ВАЙСИДДИН

ҶАНБАҲОИ БАДЕЙ ВА ФАЛСАФИИ АШЪОРИ АСКАР ҲАКИМ

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси
6.2.18. Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Абдурраҳимзода Бахтиёр Абдурраҳим –** номзади илмҳои филологӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муқарризони расмӣ: **Қосимзода Солеҳ Салим** – доктори илмҳои филологӣ, сардори раёсати магистратура, аспирантура ва докторантура (PhD)-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
Миралиева Сарварбӣ Толибовна – номзади илмҳои филологӣ, сармутахассис – котиби матбуотӣ ва масъули сомонаи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Сайидмуъмин Раҳимов.

Муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҳимояи диссертатсия 11 декабри соли 2026, соати 13:00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-118-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, толори Шурои олимон; e-mail: mustafo0612@mail.ru; телефон: (+992) 93-544-54-50)) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия ва автореферати он дар китобхона ва сомонаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода www. dbz.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «___» _____соли 2026 фиристода шудааст.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ  Боев Ш.Э.

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Таҳлили мазмунҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, махсусиятҳои сабку услубӣ ва воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким дар арзёбии ҷойгоҳи муаллиф дар адабиёти муосири тоҷик нақши муҳим дорад. Адабиёти шуравии тоҷик, аз ҷумла, назми он дар оғоз бо сабку услуби воқеиятнигорӣ (реализм), содабаёнӣ, тантана ва шиор маълум буд. Аз солҳои шастум то навадуми асри ХХ ин хусусият бо «таҳаррукоти ҷадид, зуҳури андешаҳои тоза ва марҳилаи бозгашт ба асолати хеш» [13, с. 73] пурра гардид. Ба махсусияти шеъри ин давра муҳаққиқ М. Шакурӣ чунин баҳо додааст: «аз даҳаи шасти садаи ХХ то ба имрӯз шеъри тоҷикии Фарорӯд шеъри таҳқиқӣ аст ва таҳқиқи бадеии он бештар таҳлилӣ ва гоҳе тасвирӣ мебошад» [73, с. 105-118]. Маҳз дар ҳамин марҳилаи ташаккули шеъри таҳқиқӣ дар нимаи аввали солҳои ҳафтодум як зумра шоирони навовар ба ҷодаи эҷод қадам гузоштанд, ки яке аз онҳо Аскар Ҳаким буд. Шеъри таҳқиқӣ бо кӯшиши онҳо такмил ва тақвият ёфт. Аз нимаи дуюми солҳои ҳаштодуми асри гузашта ва аввали солҳои навадуми асри ХХ бошад, вобаста ба дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, озодбаёнӣ ва Истиқлоли давлатии кишвар ба шеъри таҳқиқии тоҷик оҳангҳои худшиносӣ, инқилобӣ, ҳатто, то андозае яъсу ноумедӣ илова гардиданд. Муҳаққиқ Х. Асозода ин равандро чунин шарҳ додааст: «Шеъри тоҷик аз солҳои 1985-1986 сар карда раванди инкишофи худро тағйир дод ва дар он тамоюлҳои нав падид омаданд» [14, с. 612]. Аз ҷумла, дар ин давра шеърҳои Аскар Ҳаким, ба вижа, дар силсилаи «Рӯзи умед» (солҳои 1987-1990) мазмуни тоза пайдо карданд. Баъди расидан ба оромии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз охири солҳои навадуми асри ХХ шеъри таҳқиқӣ ба марҳилаи нав ворид шуда, ба он мавзуи ҳувияти миллӣ ҳамроҳ гардид. Омӯзиши падидаи мазкур зимни таҳқиқи роҳи эҷодӣ ва такмилёбии сабку услуби хос, мавзуъҳои нав ва навовариҳо дар ашъори яке аз намояндагони асосии ин давр Аскар Ҳаким имконпазир мегардад, ки барои арзёбии дурусти вазъи шеъри муосири тоҷик кумак расонида метавонад. Зеро, пеш аз ҳама, «шеъри ин давра дар тарбияи насли нави худогоҳ дар ҷомеаи имрӯзи мо аҳаммияти калони сиёсӣ ва амалӣ дошт ва дорад»

[39, с. 13]. Ҳамчунин, омӯзиши фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким, хоса, дар даврони Истиқлоли давлатии кишвар нақши зиёиёни кишвар ва эҷодкорро дар барқарории сулҳу субот ва осоиштагию ҳамдигарфаҳмӣ баҳои арзанда хоҳад гузошт. Мавзуи ин диссертатсия барои муайян кардани махсусиятҳои ашъори шоирон дар ду даҳсолаи охири даврони шуравӣ ва давраи гузариш, ташаккули сабку услуби нав ва навовариҳо дар мазмуну мундариҷа, шакл ва сохтори шеър ба аҳаммияти калони илмӣ молик буда, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, табияи маънаию ахлоқӣ ва фарҳангии шаҳрвандон кумак мерасонад. Ниҳоят, мубрамии мавзуи таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки он дар муайян намудан ҷанбаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, тарбиявӣ, панду насиҳатӣ ва воқеиятнигории ашъори Аскар Ҳаким таҳқиқи густарда ва аввалин ба ҳисоб меравад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Дар бораи хусусияти ашъори шоирони насли сеюми адабиёти муосири тоҷик, аз ҷумла, Аскар Ҳаким, дар давраи аввали фаъолияташон – аз солҳои шастум то навадуми асри гузашта, мазмуну мундариҷаи ашъори онҳо таҳқиқот анҷом ёфта бошанд ҳам, мавқеи андешаҳои фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким ба таври комил омӯхта нашудааст. Дар асарҳои муҳаққиқон М. Шакурӣ [66; 67], С. Табаров [57], Х. Шарифов [70; 71], Х. Асозода [14; 15, с. 39-79], А. Сатторов [55], А. Набавӣ [38, с. 218-230], А. Сайфуллоев [53, с. 200-206], Ю. Акбарзода [12; 13], М. Мирзоюнус [35, с. 124-134], С. Қосимов [29] ва дигарон зимни баррасии шеъри ин марҳила, ки метавон давраи гузариш номид, ба махсусиятҳои ашъор, сабку услуб ва корбурди санъатҳои бадеӣ дар ашъори Аскар Ҳаким низ ишора гардидааст. Пажуҳишҳои ин муҳаққиқон то андозае хусусияти назариявӣ дошта, ҷанбаҳои амалӣ, аз ҷумла, навоварӣ, корбурди мазмунҳои фалсафӣ, устуравӣ, воқеиятнигорӣ дар ашъори шоир, махсусан, дар даврони Истиқлоли давлатии мамлакат таҳлилу баррасӣ нашудаанд. Бо назардошти ин, сарчашмаҳои дастраси илмиро ба ду қисмат ҷудо кардан мумкин аст:

1) Назариявӣ. Нахуст, осори адабиётшиносии классикии тоҷик, асару мақолаҳои муҳаққиқон ва шоирони муосир Т. Зеҳнӣ, [26], У. Тоиров, [58; 59; 60; 61], Р.

Мусулмониён [37], Р. Ваҳҳобзода, [21; 22], М. Нарзиқул, [40, с. 65-75; 41; 42, с. 265-274; 43, с. 275-286], К. Насрулло [44, с. 175] оид ба шеършиносӣ, санъати шеър ва сувари хаёл мавриди истифода қарор гирифтанд. Ҳамчунин, худи Аскар Ҳаким муаллифи як қатор таҳқиқоти бунёдӣ оид ба ашъори шоирони муосир ва назарияи шеършиносӣ мебошад, ки аз онҳо низ босамар истифода шуд. Аскар Ҳаким дар чунин асарҳои илмӣ, рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ раванд, навоварӣ ва бурду бохти ашъори шоирони ҳамасри худро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз ҷумла, дар рисолаи доктории ӯ масъалаҳои ҳалталаб ва муҳимми назарияи адабиётшиносӣ ва вижагиҳои ашъори ғиноии муосири тоҷик баррасӣ ва хулосабарорӣ гардидааст. Аз чунин таҳқиқоту рисолаҳои Аскар Ҳаким барои шинохти масъалаҳои муҳимми назариявии мавзуъ, аз ҷумла, оид ба шинохти шеъри ғиноӣ, фалсафӣ, қаҳрамони ғиноӣ, ҳикоят ва воқеиятнигорӣ дар шеър ва ғайра метавон дар кори амалӣ истифода бурд.

2) Асару мақолаҳое, ки ба таҳлили ашъори Аскар Ҳаким бахшида шудаанд. Чунин осору мақолаҳо зиёданд, зеро ашъори Аскар Ҳаким ҳанӯз аз солҳои ҳаштодуми асри XX таваҷҷуҳи донишмандони тоҷикро ҷалб кардааст. Бояд гуфт, ки аксари чунин осор – мақолаҳои таҳқиқотӣ, тақризу мусоҳиба, сарсуханҳои ба маҷмуаи ашъори Аскар Ҳаким бахшидашуда дар «Маҷмуаи осор»-и ҳафтҷилдаи шоир, ҷилди 7 [7] ва дар маҷмуае, ки ба муносибати 75-солагии шоир чоп шуд – «Паҳлуҳои як истеъдод» гирд оварда шудаанд [47]. Дар байни онҳо мақолаҳои Р. Ҳамзатов [65, с. 15-19], А. Раҳмонзода [50, с. 20-28], М. Диноршоев [25, с. 39-101], Ф. Раҳимӣ [49, с. 3-14], А. Сайфуллоев [53, с. 200-206], А. Абдуманнонов [9, с. 212-217], Б. Шарифзода [69, с. 102-123], М. Мирзоюнус [35, с. 124-134], А. Абдуллоев [8, с. 153-158], Ш. Раҳмонов [51, с. 195-197], Ҷ. Бақозода [18, с. 198-204], Н. Файзуллоев ва Н. Салимов [63, с. 207-211], А. Набавӣ [38, с. 218-230], Гулназар [24, с. 265-270], А. Қазва [27, с. 249-253], С. Сухоян [54, с. 271-279], А. Шеърдӯст [68, с. 284-301], С. Саидов [56, с. 363-370], М. Аҷамӣ [17, с. 385-407], М. Меҳрдод [33, с. 421-426] бо муҳтавои илмии худ фарқ мекунанд. Махсусан, таҳқиқоти М. Диноршоев аҳаммияти калони илмию амалӣ дошта, дар он яке аз масъалаҳои муҳимми

мавриди пажуҳиши мо – ҷойгоҳи фалсафа дар ашъори Аскар Ҳаким ба таҳқиқи ҳаматарафа фаро гирифта шудааст. Муҳаққиқ зимни алоқамандии шеър ба фалсафа ашъори Аскар Ҳакимро аз ҷиҳати инъикоси масъалаҳои фалсафӣ, назари шоир ба фалсафа, ҳикмат ба таҳқиқ гирифтааст.

Дар байни корҳои таҳқиқотии охирин метавон аз рисолаи номзадии Б. Раҳимзода «Аскар Ҳаким – шоир, мунаққид ва муҳаққиқи адабиёти муосири тоҷик» [48] ёдовар шуд, ки фарогири пурраи фаъолияти илмию эҷодии Аскар Ҳаким мебошад. Ҳадафи асосии муҳаққиқ баррасии фаъолияти илмӣ-адабиётшиносии Аскар Ҳаким буда, то андозае ба мақсади худ расидааст. Бо вуҷуди ин, дар кор оид ба мазмуну мундариҷа ва поэтикаи ашъори Аскар Ҳаким ба таври умумӣ маълумот дода шуда, таҳқиқ кам ба назар мерасад. Ба андешаи мо, фаъолияти илмиву адабиётшиносии Аскар Ҳаким бояд амиқтар мавриди пажуҳиш қарор мегирифт, то ҳадафи асосӣ ба даст ояд. Дар кори зикршуда ба ҷойгоҳи андешаҳои фалсафӣ, панду ахлоқӣ ҷо-ҷо ишора шуда, масъалаи воқеиятнигорӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки муҳтавои кори мо аз рисолаи Б. Раҳимзода фарқ дошта, агар дар пажуҳиши Б. Раҳимзода назари Аскар Ҳаким ба шеъру шоирӣ дар асоси таҳқиқоти назариявии ӯ мавриди баррасӣ қарор дода шуда бошад, дар кори мо моҳияти ашъор мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар зимн назари шоир ба ин масъала муайян карда хоҳад шуд.

Бо вуҷуди он ки оид ба даврабандии фаъолияти эҷодӣ ва махсусиятҳои ашъори шоир чунин як таҳқиқот анҷом дода шудааст, кофӣ нестанд. Дар бораи ҷойгоҳи мавзуъҳои фалсафӣ, ҳикмат ва воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким, ҳамчунин, ташаккули сабки эҷодӣ, навовариҳо дар эҷод ва пайвандии ашъори ӯ бо шоирони дигар таҳқиқоти густардаи илмӣ анҷом дода нашудааст. Баробари ин, дар ин кор таҳқиқи ашъори Аскар Ҳаким ҳамчун яке аз қисматҳои асосии шеъри даврони муосири тоҷик ва хусусияти ба он алоқаманд роҳандозӣ хоҳад шуд.

Ҳамчунин, рӯзноманигорон Б. Қодирдухт, О. Нозир, Ш. Адҳамзод бо Аскар Ҳаким мусоҳиба ороста, ба бисёр масъалаҳои муҳимми фаъолияти эҷодии шоир, аз ҷумла, мавзую

мундариҷаи ашъор, назари шоир ба шеъру шоирӣ, рӯйдодҳои муҳимми ҷомеа, ҳадаф ва дархостҳои шоир гуфтугӯ кардаанд. Масалан, ба масъалаи воқеиятнигорӣ ва сюжетнокӣ дар асари бадеӣ, аз ҷумла, шеъри ғиноӣ рӯ оварда, зикр кардаанд, ки бисёр лаҳзаҳои ҳаёти шоир дар ашъори ӯ тасвири бадеӣ ёфтааст. Дар ин бора худи Аскар Ҳаким низ дар мусоҳиба ва таҳқиқот то андозае маълумоти арзишманд додааст.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқи диссертатсионӣ ба барномаҳои давлатӣ, стратегияҳои миллӣ ва мавзуъҳои афзалиятноки илмӣ робитаи устувор дорад. Диссертатсия дар асоси барномаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода анҷом дода шуда, дурнамои он дар доираи ҳамин барнома муайян гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Мақсади таҳқиқ арзёбии мавзую мундариҷаи ашъори Аскар Ҳаким дар даҳсолаҳои охири даврони шуравӣ ва замони Истиқлоли давлатии кишвар, баррасии ташаккули сабки шоирӣ, ҷанбаҳои фалсафӣ, ҳикмат, воқеиятнигорӣ дар давраи гузариш ва таҳқиқи навовариҳо дар осори шоир аст. Дар ин замина мазмуну мундариҷаи шеър дар солҳои охири даврони шуравӣ ва гузариш ба сабк ва услуби нав, саҳм ва аҳаммияти осори манзум дар давраи таҳаввулоти куллӣ дар ҷомеа, навовариҳои шаклӣ ва мазмунӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Ҳамчунин, таъсири мусбат ба суботи сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа расонидаи шеъри Аскар Ҳаким, махсусан, дар замони Истиқлол, зуҳури шеваи нави шеър ва паҳншавии онҳо дар шеъри муосири тоҷик мавриди арзёбӣ қарор мегиранд.

Вазифаҳои таҳқиқ. Бо назардошти хусусияти мавзуи мазкур ҳалли вазифаҳои зерин пешниҳод мегардад:

– муайян кардани марҳилаҳои фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким;

– шарҳи мавзую мундариҷа ва сохтори ашъори Аскар Ҳаким дар асоси «Маҷмуаи осор»-и шоир;

– муайян кардани таҳаввули мазмунҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва панду насиҳатӣ дар ашъори шоир;

– баррасии мавзуи анъана ва навоварӣ дар қолабҳои суннатии ашъори шоир;

– муайян кардани махсусиятҳои сабкӣ ва санъати сухан дар ашъори Аскар Ҳаким;

– баррасии хусусияти шаклӣ ва рушди шеъри нав дар ашъори Аскар Ҳаким;

– асосноккунии сурудаҳои Аскар Ҳаким ҳамчун усул ва шеваи хоси шоир;

– арзёбии аҳаммияти шеъри Аскар Ҳаким дар тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ ва ватандӯстӣ дар ҷомеа;

– муайян кардани сабаб, усул ва аҳаммияти мазмунҳои устуравӣ ва таъсири он дар тарбияи насли наврас;

– баррасии мазмунҳои фалсафӣ, устуравӣ дар ашъори шоир ва таъсири чунин шеърҳо дар тарбияи насли нав;

– арзёбии навовариҳои Аскар Ҳаким дар шеъри анъанавӣ, аз ҷумла, ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ;

– муайян кардани вазифа ва махсусиятҳои услуби воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким.

Объекти таҳқиқ. Объекти таҳқиқро ашъори Аскар Ҳаким дар 12 маҷмуаи ашъор, «Маҷмуаи осор» (7 ҷилд), «Маҷмуаи ашъор» (2 ҷилд) ва сомонаи интернетии шоир: Web – сомона https// www.askar-hakim.tj ташкил медиҳад. Дар кори мавриди назар асосан ашъори шоир дар ду ҷилди аввали «Маҷмуаи осор», ки шеърҳои то соли 2017 сароидаи шоирро дар бар мегиранд, мавриди таҳқиқи муфассал қарор дода мешаванд. Ҳамчунин, як қатор ашъори солҳои охири шоир, ки дар саҳифаи интернетии ӯ ба табъ расидаанд, объекти таҳқиқ ва таҳлилу санҷиш қарор дода хоҳанд шуд. Гузашта аз ин, рисолаҳои номзадӣ ва доктории Аскар Ҳаким, диссертатсия ва мақолаҳои илмии муҳаққиқон дар бораи ашъори шоир ва асарҳои назариявии адабиётшиносӣ оид ба санъатҳои бадеӣ ва вазну сохтори шеър, таҳқиқоти дастрас оид ба вазъи шеъри муосир, ки дар китобу маҷмуаҳо ва нашрияҳо ба табъ расидаанд, сарчашмаи муҳимми кор маҳсуб меёбанд.

Мавзуи (предмет) таҳқиқ. Мавзуи таҳқиқ аз баррасии мазмуну муҳтавои ашъори Аскар Ҳаким, заминаи ташаккули ҳунари шоирӣ, сабку услуби хоси ӯ дар шеъри муосир, инъикоси мавзуъҳои фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва воқеиятнигорӣ, махсусиятҳои шакл ва мазмуни ашъори шоир дар даврањои гуногуни таърихӣ, саҳми шоир дар рушди шеъри нав, истифодаи санъатҳои бадеию сувари хаёл дар ашъори ӯ, анъана ва навовариҳо, истифодаи мазмунҳои нав дар шакли пешина, навовариҳои шаклу мазмун дар шеър, таъсири шеъри шоир ба афкор ва маънавиёти мардум иборат мебошад. Таҳқиқ ду давраи фаъолияти эҷодии шоир – даврони шуравӣ ва Истиқлолро дар бар гирифта, махсусиятҳои ҳар давра мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Пояи назариявии диссертатсия дар асоси корҳои адабиётшиносони тоҷик С. Айнӣ [1], А. Лоҳутӣ [30, с. 113-114; 31, с. 150-167], М. Турсунзода [62, с. 85-88], М. Шакурӣ [66; 67], Т. Зеҳнӣ [26], А. Маниёзов [32], С. Табаров [57], А. Сайфуллоев [53, с. 200-206], Ю. Акбарзода [12; 13], У. Тоиров [58; 59; 60; 61], Р. Ваҳҳобзода [21; 22] ва дигарон, инчунин, асарҳои назариявии худи Аскар Ҳаким ва таҳқиқоти адабиётшиносони муосир оид ба санъатҳои сухан ва унсурҳои шеъри муосир сурат гирифтааст.

Навгонии илмии таҳқиқ. Навоварии таҳқиқро метавон аз инҳо иборат донист:

– бори аввал ҷойгоҳи ашъори фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким ва ҷустуҷӯҳои эҷодиву навовариҳои шоир ба таври мураттаб ва маҷмуӣ омӯхта шуд;

– ба таври таҷриба бори нахуст робитаи мутақобилаи фалсафа, ахлоқ ва воқеиятнигорӣ ҳамчун пояи асосии ҷаҳонбинии илмӣ ва бадеии Аскар Ҳаким дар заминаи таҳлили матн ва равиши сабкшиносӣ ба баррасӣ ва муҳокима гузошта шуда, консепсияи бадеӣ - эстетикии шоир муайян гардид;

– ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва навовариҳои шоир дар ҳамгироии анъана ва таҷдид, истифодаи қолабҳои суннатӣ бо ворид кардани мазмунҳои тозаи иҷтимоӣ ва воқеиятнигорӣ, таҳаввули шеъри ғиноӣ, озод ва рушди шаклҳои озоди баён дар шеъри муосири тоҷик ба таҳқиқ кашида шуд;

– дар таҳқиқ хусусиятҳои поэтикии ифодаи андешаҳои фалсафӣ, панду ахлоқӣ, устуравӣ, воқеиятнигорӣ тавассути усулҳои гуногуни образофаринӣ ҳамчун омилҳои муайянкунандаи сабки Аскар Ҳаким таҳлил ва ҷамъбаст гардид;

– дар диссертатсия аҳаммияти маънавӣ ва иҷтимоии ашъори шоир дар таҳкими худшиносии миллӣ, ташаккули тафаккури ахлоқӣ ва тарбияи маънавии ҷомеаи даврони Истиқлол дар заминаи илмӣ арзёбӣ гардид;

– омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили ашъори навоваронаи Аскар Ҳаким, аз тарафи ӯ ба вуҷуд овардани шаклҳои нави шеърӣ, чун чаҳорпора бо як байти ҷамъбасткунанда, ба шаклҳои анъанавӣ ворид сохтани мазмунҳои нав чун ғазалҳои иҷтимоӣ, дубайтӣ, рубоӣ ва фардҳои фалсафӣ, панду ахлоқӣ бори аввал мавриди баррасӣ қарор дода шуданд;

– эҳёи ҳунари рубоисароии классикӣ ва ба он ворид кардани мазмунҳои нав дар шеъри Аскар Ҳаким мавриди баррасии амиқ қарор гирифт;

– истифодаи санъатҳои бадеӣ, калимаю ибора ва мафҳумҳои нав дар шеър, идома ва ташаккули шаклу мазмуни шеъри озод баррасӣ гардид;

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Муайян карда шудааст, ки ташаккули шахсияти эҷодӣ ва роҳи шоирии Аскар Ҳаким ба муҳити адабӣ, воқеияти иҷтимоӣ ва дигаргуниҳои таърихии замони зиндагии ӯ пайванди бевосита дошта, таҳаввули ашъораш аз марҳилаи аввалини эҷод то давраи камол тағйироти назарраси мазмуниву услубиро фаро гирифтааст. Дар марҳилаи нахуст шеърҳои тавсифӣ ва ишқӣ мавқеи бештар дошта, баъдан доираи мавзуъ ва масъалаҳои мавриди назари шоир густариш ёфтааст. Хусусан, нобасомониҳо ва мушкилоти иҷтимоии солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ ба мазмуну мундариҷаи ашъори ӯ таъсир расонида, таваҷҷуҳ ба сарнавишти инсон, ҷомеа ва масъалаҳои иҷтимоиву маънавиро афзудаанд. Ҳамин таҳаввулот дар ташаккули сабку услуби хоси шоир низ нақши муассир гузоштаанд.

2. Асоснок карда шудааст, ки яке аз ҷанбаҳои муҳимми навоварии Аскар Ҳаким дар пайванди суннатҳои шеъри классикӣ бо мазмуну масъалаҳои замони муосир ва ҷустуҷӯҳои тозаи шаклӣ зоҳир мегардад. Ӯ дар ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ва дигар шаклҳои хурди шеърӣ мавзуъҳои сиёсиву иҷтимоӣ, панду ахлоқ, ҳикмат ва таҷрибаи рӯзгорро густариш дода, дар рубоиву дубайтии ҳикматомез ва пандомӯз суннати адабиёти классикиро идома ва мувофиқи талаботи замон такмил додааст. Дар баробари истифодаи босамари шаклҳои суннатӣ, таҷрибаҳои шаклии шоир, аз ҷумла, чаҳорпораи иборат аз ду банди чормисраӣ ва як байти ҷамъбастӣ, ҷустуҷӯҳои ӯро дар сохтор ва тарзи ифодаи мазмуну ғоя нишон медиҳанд.

3. Ошкор гардидааст, ки ашъори ғиниву ҳамосии Аскар Ҳаким бо фарогирии масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ, корбасти панду ҳикмат ва таҷрибаи рӯзгор, истифодаи масалу устураҳои мардумӣ, динӣ ва ахлоқӣ вежагиҳои муайяни мазмуниву бадеӣ касб кардааст. Воқеиятнигорӣ дар ашъори ӯ бо тафаккури фалсафӣ ва ахлоқӣ пайваста, сабку услуби фардии шоир дар интихоби сувари хаёл, санъатҳои бадеӣ ва тарзи тасвиру баёни воқеият зуҳур мекунад. Ҷанбаи ватандӯстӣ, ахлоқӣ ва маънавии ин ашъор арзиши тарбиявии онро тақвият бахшида, муносибати шоирро ба инсон, ҷомеа ва арзишҳои маънавӣ муайян месозад.

4. Исбот карда шудааст, ки саҳми Аскар Ҳаким дар рушди шеъри муосири тоҷик бо таҷдиди шаклу мазмун, истифодаи имкониятҳои шеъри озод, идомаи эҷодкоронаи суннатҳои шеърии гузашта ва ҷустуҷӯҳои нави жанриву услубӣ алоқаманд аст. Дар шеъри озоди ӯ дигаргуниҳои сохторӣ бо навшавии мазмуну мундариҷа ҳамоҳанг гардида, имкониятҳои ин шакли шеър барои ифодаи масъалаҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ ва таҷрибаи маънавии инсон истифода шудаанд. Ин ҷустуҷӯҳои эҷодӣ, дар баробари таъсири ашъори шоир ба эҷодкорони ҷавон, ҷойгоҳи Аскар Ҳакимро дар рушду такомули шеъри муосири тоҷик муайян менамоянд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Масъалаҳое, ки дар таҳқиқ мавриди омӯзиш қарор дода шуданд, аз ҷумла, вазъи шеъри муосири тоҷик дар даҳсолаҳои охири даврони шуравӣ,

солҳои аввали Истиқлоли давлатии кишвар, пайдоиш ва ташаккули мавзую мундариҷа ва сохтори нави шеър дар замони муосир, ба вуҷуд омадани мавзуъҳои нав ва шаклҳои нави шеър дар назми муосири тоҷик, ба мавзуи асосӣ табдил ёфтани ҷанбаҳои фалсафӣ, ҳикмат, панду насиҳат ва воқеиятнигорӣ, эҳёи анъанаи классикии рубоисароӣ, роҳҳои пешрафт ва сохти шеър дар илми адабиётшиносии тоҷик нав буда, дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошанд. Дар ин таҳқиқ бори аввал ин масъалаҳо зимни пажуҳиши ашъори Аскар Ҳаким мавриди баррасӣ қарор гирифта, саҳми шоир дар ҳалли онҳо аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ собит карда мешаванд. Аҳаммияти таҳқиқ ва саҳми шахсии довталаб аз он иборат аст, ки ба ҷиҳатҳои амалии мавзуъ таваҷҷуҳ намуда, дар асоси пешниҳод ва баррасии намунаҳои ашъори Аскар Ҳаким самтҳои нави пажуҳишҳои ояндаро муайян кардааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқ, ҳамчунин, дар он ифода меёбад, ки эҷодкорони ҷавон онро ҳамчун раҳнамо барои тарғибу ташвиқ ва иттилоърасонӣ ба кор бурда метавонанд.

Матолиб, мавзуъ, хулоса ва пешниҳодҳои алоҳидаи таҳқиқи мазкурро дар таҳияи дастур ва барномаҳои таълимию курсҳои лексионӣ ва гузаронидани дарсҳои амалӣ оид ба ташаккули адабиёти навини тоҷик дар факултетҳои филология ва рӯзноманигории муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Ҳамчунин, мазмун ва хулосаи диссертатсияро дар ташкили курсҳои нави «Сабку услуб ва навоварӣ дар шеъри муосири тоҷик», «Вазъи шеъри муосири тоҷик дар давраи гузариш ва дурнамои он», «Мавқеи шеър дар даврони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон», «Шеър ва фалсафа», «Ҳикмат, панду аҳлоқ ва устура дар шеър», «Санъати сухан ва сувари хаёл», «Шеъри озод ва шаклҳои нави шеър дар адабиёти муосири тоҷик» ва ғайра дар факултетҳои филология метавон истифода кард.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо такя ба сарчашмаҳои аслӣ, осори чопшудаи Аскар Ҳаким ва пажуҳишҳои муътамади адабиётшиносӣ таъмин гардидааст. Натиҷа ва хулосаҳои диссертатсия дар асоси омӯзишу таҳлили ашъори шоир, муқоисаи осори марҳилаҳои гуногуни эҷодиёти ӯ ва баррасии

хусусиятҳои мазмунӣ, шаклӣ ва бадеии онҳо ба даст омадаанд. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои таърихию адабӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ ва тавсифӣ истифода шуда, андешаҳои илмӣ бо мисолҳои мушаххас аз осори шоир ва далелҳои адабиётшиносӣ асоснок гардидаанд. Мутобиқати натиҷаҳои бадастомада бо ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлилу муқоисаи пайвастаи маводи адабӣ эътимоднокии хулосаҳои илмии диссертатсияро таъмин менамоянд.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким» аз ҷиҳати мазмун, масъалагузорӣ ва самтҳои таҳқиқ ба шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.18 Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ мувофиқат мекунад. Пажуҳиш ба омӯзиши хусусиятҳои поэтикии ашъори шоир, ҷанбаҳои фалсафию ғоявии эҷодиёти ӯ, сабки фардӣ, низоми тасвирҳои бадеӣ, анъана ва навоварӣ дар сохтору муҳтавои шеърҳо бахшида шуда, бо самтҳои назариявӣ ва сабкшиносии ихтисоси мазкур робитаи мустақим дорад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Мавзуъ ва масъалаҳои асосии таҳқиқ аз ҷониби роҳбари илмӣ тарҳрезӣ гардида, натиҷаҳои омӯзиш ва хулосаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо ва матни диссертатсия инъикос ёфтаанд.

Муайян кардани махсусиятҳо, мавзую мундариҷа ва сохти ашъори шоирони муосири тоҷик дар даҳсолаҳои охири даврони шуравӣ, дар давраи гузариш ба сохти нави ҷамъиятӣ, солҳои душвори муқовиматҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, мушкилоти ҷомеа, Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инъикосу таъсири онҳо ба шеъри тоҷик, аз ҷумла, ашъори Аскар Ҳаким, пайдоиш ва ташаккули сабку услуби хоси шоирӣ, эҷоди мавзуъҳои нав, шаклу мазмунҳои нав дар шеъри анъанавӣ ва озод, сабабҳои ба мавзуъҳои нав чун фалсафа, ҳикмат, таҷрибаи зиндагӣ рӯ овардани шоир дар солҳои охир ва ғайра аз саҳм ва навовариҳои шахсии унвонҷӯ мебошанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқ. Мундариҷа ва қисматҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию амалии зерин дар шакли

маърузаҳо баён шудаанд: «Ҷойгоҳи забони тоҷикӣ дар ҳифзу густариши арзишҳои минтақаи Осиё» (Душанбе, 21-22.10.2025), «Муошират бисёрфарҳангӣ, нақши забонҳо, адабиёт ва илм дар рушди ҷомеаи муосир» (Душанбе, 20.11.2025), «Робиндранат Такур ва мақоми ӯ дар густариши равобити адабии Шарқу Ғарб» (Душанбе, 23.12. 2025), «Масъалаҳои мубрами филологияи Шарқ ва робитаҳои забониву адабӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Душанбе, 30.04.2026).

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 12.08.2026 (суратмаҷлиси №1) баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Фасл ва бобҳои алоҳидаи кори таҳқиқӣ дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Паёми Донишгоҳи забонҳо» ва «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ» чоп шудаанд. Дар маҷмуъ муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 9 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Сохтори кор. Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии кор, 3 боб, 8 фасл, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст. Матни асосии диссертатсия аз 187 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚ

Дар **муқаддимаи диссертатсия** мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ баррасӣ гардидаанд. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ мақсад ва вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назарӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқ,

интишорот аз рӯйи мавзуъ, инчунин, сохтору ҳаҷми диссертатсия тавсиф ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Ҷойгоҳи Аскар Ҳаким дар адабиёти муосири тоҷик»** унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар он марҳилаҳои ташаккули шахсияти адабӣ ва фаъолияти эҷодии шоир, хусусиятҳои тадвини осори манзум ва таҳаввули мавзуию сохтории ашъори ӯ дар даврони шуравӣ ва замони Истиқлоли давлатӣ таҳқиқ шудаанд.

Дар фасли аввали боб – **«Марҳилаҳои ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким»** омилҳои ташаккули шахсияти адабӣ, робитаи зиндагинома бо ҷаҳонбинии бадеӣ ва марҳилаҳои такомули эҷодиёти шоир баррасӣ шудаанд. Маводи «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» [74, с. 185], «Адибони Тоҷикистон» [11, с. 270], таҳқиқи Б. Раҳимзода [48, с. 14-24] ва очерки тарҷумаиҳолии «Гуфтор дар бораи худ» [7, с. 5-107] барои муайян намудани роҳи зиндагӣ ва фаъолияти илмию эҷодии ӯ асос қарор гирифтаанд. Арзиши сарчашмашиносии очерки мазкур дар он аст, ки хотираҳои шахсии муаллиф барои шинохти муҳити тарбия, нахустин таҷрибаҳои адабӣ, муносибат бо аҳли қалам ва сабабҳои ба баъзе мавзуъҳо рӯ овардани ӯ маълумот медиҳанд.

Аскар Ҳаким соли 1946 дар деҳаи Рӯмони ноҳияи ҳозираи Бобоҷон Ғафуров таваллуд шудааст. Аз модар барвақт ятим мондан, маҳрумиятҳои кӯдакӣ ва мушоҳидаи рӯзгори мардуми деҳот ба ташаккули эҳсоси инсонпарварӣ ва таваҷҷуҳи ӯ ба масъалаҳои ахлоқӣ таъсир расонидаанд.

Нахустин майли Аскар Ҳаким ба адабиёт дар давраи мактабхонӣ, бо роҳнамоии омӯзгораш А. Файзиев, пайдо шудааст. Шоир оғози ин шавқро чунин ба ёд меорад: «Эҳсоси шоирона дар ман тақрибан дар синфҳои 7-8 мактаби миёна, дар 12-13-солагиам пайдо шуда, маро водор мекард, ки қалам ба даст гираму ба ифодаи он бикӯшам» [28, с. 520].

Солҳои таҳсил дар факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (1962-1967) дар ташаккули ҳунарии ӯ аҳаммияти хос доранд. Иштирок дар маҳфили «Адибони ҷавон», роҳнамоии Аминҷон Шукӯҳӣ, нашри шеър дар «Комсомоли Тоҷикистон» ва таҷрибаи кор дар

рӯзномаи донишгоҳӣ робитаи ӯро бо муҳити адабӣ устувор мегардонанд. Навиштани нахустин тақриз оғози фаъолияти наққодии адиб мешавад. Аз ин давра эҷоди шеър ва баррасии интиқодии осори адабӣ дар фаъолияти ӯ тавъам идома меёбанд. Таъбири худи шоир «то ҳол хидматгори ду хоҷа» [7, с. 15] ба ҳамин ду самти фаъолияти ӯ ишора дорад.

Таҳсил дар аспирантураи Донишгоҳи давлатии Москва (1969-1972) ва ҳимояи рисолаи номзадӣ дар мавзуи «Ворисияти таърихӣ ва навпардозиҳои шоирона (дар мисоли шеъри муосири тоҷик)» (1974) ба густариши донишҳои назарии ӯ мусоидат мекунанд. Масъалаи муносибати анъана ва навоварӣ минбаъд дар пажуҳишҳои адабиётшиносӣ ва таҷрибаи шеърии Аскар Ҳаким мавқеи муҳим пайдо менамояд. Ҳимояи рисолаи докторӣ оид ба вежагиҳои анвои шеъри ғиноӣ дар соли 2018 идомаи ҳамин ҷустуҷӯҳои илмӣ мебошад. Дар фасл пайванди маърифати назариявӣ бо интихоби шакл, тарзи тасвир ва муносибати серталабонаи шоир ба осори худ аз омилҳои такомули ҳунари ӯ дониста шудааст.

Фаъолияти Аскар Ҳаким дар Кумитаи радио ва телевизион, Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, маҷаллаи «Садои Шарқ» ва Иттифоқи нависандагон имкони шинохти бевоситаи ҳаёти адабӣ ва масъалаҳои нақди замонро фароҳам овардааст. Соли 1980 сармуҳаррири рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон» таъйин шудани ӯ бо таъсиси нашрияе иртибот дорад, ки баъдан «Адабиёт ва санъат» ном гирифт. Дар ин давра кори таҳрирӣ, арзёбии осори ҳамзамонон ва иртибот бо хонандагон таҷрибаи адабию иҷтимоии ӯро ғанӣ гардониданд. Роҳбарии Иттифоқи нависандагон дар солҳои 1991-2003 ва фаъолият дар Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2005 низ дар фасл аз ҷиҳати муносибати адиб бо масъалаҳои ҷомеа мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

Дар шинохти шахсияти адабии Аскар Ҳаким ҷойгоҳи нақди ӯ низ муҳим аст. Дар асарҳои «Шеър ва замон», «Сухан аз шеъру адаб», «Анвои шеъри ғиноӣ» ва «Пажуҳиш ва нақди шеър» масъалаҳои сохтору муҳтавои шеър, анвои ғиноӣ, сабк ва маҳорати суханвар баррасӣ шудаанд. М. Мирзоюнус хусусияти

нақди ӯро чунин муайян кардааст: «Нақди Аскар Ҳаким, хушбахтона, нақди тавсифӣ ва ситоишӣ нест. Дар он баробари дастовардҳо навоқиси адибон низ нишон дода мешавад» [35, с. 129].

Таҳқиқи анвои шеъри ғиноӣ дар фаъолияти илмии ӯ мавқеи махсус дорад. Ба таъкиди А. Абдусаттор, хидмати муҳаққиқ «нишон додан ва исбот намудани вуҷуди панҷ навъи шеъри ғиноӣ дар назми нимаи дуюми қарни бистум ва таъйини вежагиҳои навъии он буд, ки ӯ бо сарбаландӣ аз уҳдаи он баромад ва барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт барои дигарон роҳ ҳамвор намуд» [10, с. 150]. Пайванди пажуҳиши назариявӣ бо таҷрибаи эҷодӣ дар интихоби шаклҳои ғиноӣ ва тарзи баёни андешаю эҳсоси шоир аҳаммият дорад.

Зиндагиномаи Аскар Ҳаким бо ашъори ғиноии ӯ робита дорад, аммо истифодаи шеър ба сифати санади тарҷумаиҳолӣ дар таҳқиқ бо назардошти хусусияти бозофаринии бадеӣ сурат мегирад. Нуктаи назариявии зерин меъёри чунин муносибат аст: «Дар шеъри ғиноии асил шахсияти шоир ҳамеша ҳузур дорад, вале аз қаҳрамони лирикӣ сухан гуфтан он вақт дуруст аст, ки он ба тарҳи устувори тарҷумаиҳолӣ ва сужавӣ фаро гирифта шуда бошад» [23, с. 155]. Бинобар ин, мушоҳидаю хотираҳои шахсӣ дар баробари муҳити иҷтимоӣ ва суннати адабӣ аз омилҳои ташаккули шахсияти ғиноӣ дониста мешаванд.

Бар асоси шароити таърихию иҷтимоӣ, таҳаввули мавзуъ ва ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким ба ду марҳилаи асосӣ, яъне, даврони шуравӣ ва замони Истиқлоли давлатӣ ҷудо шудааст. Марҳилаи аввал давраи ташаккули мавқеи адабӣ, густариши мавзуъҳои ватандӯстӣ, меҳнат, табиат ва масъалаҳои ахлоқию иҷтимоӣ мебошад. Дар марҳилаи дуюм тааммули фалсафӣ, ҳикмат, ишқ, худшиносии миллӣ ва воқеиятнигорӣ бештар мегарданд. Доираи истифодаи шеъри озод, манзума ва шаклҳои муҷази шеърӣ васъат меёбад. Ин даврабандӣ пайдарҳамии такомули эҷодиётро нишон медиҳад. Ормонҳои инсонпарварона ва ахлоқӣ дар ҳар ду марҳила идома ёфта, тарзи дарку ифодаи онҳо вобаста ба таҷрибаи зиндагӣ ва шароити замон тағйир мепазирад.

Фасли дуюми боб **«Муҳтаво ва сохтори ашъори ҷилдҳои I ва II «Маҷмуаи осор»-и Аскар Ҳаким»** ном дорад. Дар ин фасл хусусиятҳои интихобу танзими ашъор, таркиби силсилаҳо, таносуби шаклҳои шеърӣ ва тағйироти мавзуию ғоявии онҳо таҳқиқ шудаанд. Ду ҷилди аввали «Маҷмуаи осор»-и ҳафтҷилдаи соли 2017 манбаи асосии таҳқиқ буда, имкони пайгирии ҷустуҷӯҳои шоирро аз нахустин таҷрибаҳо то давраи камолоти эҷодӣ фароҳам меоранд.

Хусусияти тадвини маҷмуа дар ҳамбастагии тартиби хронологӣ бо гурӯҳбандии силсилавии ашъор ифода ёфтааст. Дар ҷилди аввал силсилаҳои «Раҳнавард», «Тарозуи офтоб», «Рӯзи умед», «Шаҳри меҳолуд», «Баргпайванд», «Илтиҷо аз уқоб», «...Боз мерасад хуршед», «Санги ман – алмос», «Замини сабзи боварҳо» ва «Ба саломи шукуфаҳо» ҷой гирифтаанд. Ҷилди дуюм «Ашъори тоза», «Чамани ишқу андеша», достони «Нону имон» ва манзумаҳои «Санги ман – алмос», «Чакомаи ризойи модар» ва «Анӯширвон дар додгоҳи адл»-ро фаро мегирад.

Силсилаҳои маҷмуа бо китобҳои ҳамноми қаблан нашршуда аз ҷиҳати муҳтаво пурра яксон нестанд. Шоир ҳангоми тадвини осор шеърҳоро интихоб, таҳрир ё ихтисор карда, намунаҳои дигари мансуб ба ҳамон солҳоро низ ворид намудааст. Серталабии ӯ дар танзими ашъор ҳанӯз дар маҷмуаи нахустинаш мушоҳида шуда буд. Воҳид Асрорӣ навиштааст: «Аскар Ҳаким шеърҳои маҷмуаро аз лиҳози мавзуву мундариҷа ба қисмҳо ҷудо карда, ба ҳар қисм унвон мегузорад» [16, с. 190]. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳқиқ фарқ гузоштан миёни маҷмуа, силсила ва асари ҳамном зарур аст. Чунончи, манзумаи «Санги ман – алмос» соли 1997 эҷод шудааст, аммо силсилаи ҳамном ашъори солҳои 2002-2006-ро дар бар мегирад.

Таҳлили таркиби осор нишон медиҳад, ки шоир аз имкониятҳои ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, байти мустақил, чаҳорпора, достону манзума ва шеъри озод истифода кардааст. Гуногунии шаклҳо ба хусусияти мавзуъ, тарзи инкишофи андеша ва ҳолати отифии қаҳрамони ғиноӣ алоқаманд аст. Дар ашъори иҷтимоӣ, тасвирӣ ва фалсафӣ муносибати мазмун бо

вазну оҳанг, сохтори банд ва тартиби мисраъҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Баррасии силсилаҳои «Раҳнавард», «Тарозуи офтоб» ва «Рӯзи умед» нишон медиҳад, ки иҷтимоъгароӣ аз хусусиятҳои устувори шеъри Аскар Ҳаким дар марҳилаи аввал мебошад. Дар шеърҳои «Хоки Ватан», «Шеъри Ватан», «Тоҷикистон», «Шохоб», «Санои деҳқон» ва «Масъули замин» муҳаббат ба диёр бо эҳтироми меҳнат, худшиносӣ ва масъулияти инсон дар назди ҷомеа пайвастааст. Мавзуи Ватан дар ин ашъор тавассути таассуроти фардӣ ва ҷузъиёти мушаххаси зиндагӣ маънии иҷтимоӣ мегирад. Масъалаи таносуби эҳсоси фардӣ ва муҳтавои иҷтимоиро худи Аскар Ҳаким чунин шарҳ додааст: «Дар байни эҳсосоту таассуроти фардӣ ва эҳсосоту таассуроти бузурги иҷтимоӣ иртибот барқарор кунонидан, ки онҳо дар ҷаҳони ботинии инсон ба ҳамдигар мухолифат накарда, инсонро на фақат дар ҳаёти шахсӣ табиию маҳрами розҳои одамӣ, балки аз лиҳози ҷамъиятӣ ҳам муҳимму муътабар нишон диҳанд, барои шоир аз мушкилтарин корҳо ба ҳисоб меравад» [4, с. 149]. Дар шеъри «Асри бист» андеша дар бораи пешрафти замон бо нигаронӣ аз сарнавишти инсон ифода шудааст:

Асри бист,
Эй асри пуртӯфони ман,
Бигзарӣ тунд аз фарози Муштарӣ.
Ваҳ, мабодо, дар шитоби хештан
Аз сари дунёю одам бигзарӣ! [2, с. 20]

Ашъори солҳои аввали Истиқлол дар силсилаҳои «Шаҳри меҳолуд», «Баргпайванд» ва «Илтиҷо аз уқоб» тағйироти ҳолати руҳии шахсияти ғиноӣ ва муносибати ӯро ба воқеияти иҷтимоӣ инъикос мекунад. Дар «Имон», «Арзадошт», «Хоби сангин» ва «Шеъри хундори ман гиряд» изтироб, танҳоӣ, озурдагии аҳли андеша ва нигаронӣ аз сарнавишти ҷомеа ифода ёфтаанд. Шоир оқибатҳои буҳрони иҷтимоиро бештар аз тариқи тасвири ҳолатҳои равонӣ, рамзҳои табиат ва ишораҳои ахлоқӣ бозгӯ мекунад. Ба ҳамин сабаб, тасвири манзара ё як лаҳзаи рӯзгор дар ин шеърҳо маънии иҷтимоии фаротар аз ҳодисаи зоҳирӣ пайдо менамояд.

Манзумаи «Санги ман – алмос» аз ҷиҳати фарохии доираи андеша ва тарзи ташкили сухан дар осори давраи дуюми шоир мавқеи хос дорад.

Хотираҳои кӯдакӣ, пайванди инсон бо зодгоҳ, муносибати наслҳо, эътиқод ва маънии зиндагӣ дар он бо ҳам алоқаманд гардидаанд. Сохтори озод, гуногунии ҳаҷми бандҳо ва такрори мисраъҳою таъбирҳои меҳварӣ ҳаракати андешаро танзим намуда, пайванди қисматҳои асарро нигоҳ медоранд. Мушоҳидаҳои шахсӣ тадриҷан ба тааммули фалсафӣ оид ба инсон ва ҳастӣ мегарданд. С. Сухоян ин хусусиятро чунин арзёбӣ кардааст: «Аз нигоҳи паҳнову фарогирии воқеият ва дарки фалсафии ҳаёт, достони «Санги ман – алмос» тазоҳури парвози беинтиҳои фикр дар фазо ва замон аст» [56, с. 271]. Дар баробари он, «Чакомаи ризои модар» идомаи мавзуи меҳри модар буда, шакли чаҳорпора ва самимияти баён ба ифодаи муҳтавои ахлоқии асар мусоидат мекунанд.

Дар силсилаҳои «Санги ман – алмос», «Замини сабзи боварҳо» ва «Ба саломи шукуфаҳо» тамоюл ба баёни муъҷази андеша қувват мегирад. Шеърҳои хурд, қитъаҳо ва дигар шаклҳои кутоҳ барои ифодаи ҳикмати зиндагӣ, нақди рафтори инсон ва мулоҳизаҳои ҳастишиносӣ истифода мешаванд. Дар «Нардбони хос», «Азми Архимедӣ», «Ду шодӣ», «Фарёду сукут» ва «Қисмати шоир» ҷузъиёти мушаххас ё тасвири рамзӣ андешаи фарогири ахлоқию фалсафиро ифода мекунад. Кутоҳии шеър бо гунҷоиши маъноӣ, киноя ва анҷоми ғайримунтазира тавъам мегардад. Дар намунаи зер муносибати манфиатҷӯёнаи одамон бо ниёзи инсон ба ҳамдилию эътимод муқобил гузошта шудааст:

Ҳеч касе ҳаст,
ки дилро
ба амонат гирад?! [2, с. 395]

Ҳамзистии оҳангҳои андуҳ, ишқ ва умед хусусияти ҷаҳонбинии бадеии шоирро муайян мекунад. Муҳаммадҷон Шакурӣ навиштааст: «Дар шеъри Аскар Ҳаким маъюсиву ноилочӣ кам буда, оҳанги фоҷиавӣ бо некбинӣ ва андешаи фалсафа ба ҳам омадааст. Ӯ ишқро ба талотумҳои замона муқобил мегузорад ва умед ба ташналабони ишқ мебандад.

Мояи некбинии Аскар ҳамин аст ва таппиши дили ошиқонро ба нозукбинӣ ба қалам овардааст» [20, с. 446-447].

Аз таҳқиқи масъалаҳои боби якум бармеояд, ки ҷойгоҳи Аскар Ҳаким дар адабиёти муосири тоҷик бо пайванди таҷрибаи зиндагӣ, тафаккури назариявӣ ва ҷустуҷӯи бадеии ӯ муайян мешавад. Дар таҳаввули ашъори шоир иҷтимоъгароӣ тадриҷан бо андешаи фалсафӣ, ҳикмати ахлоқӣ ва тасвири таҷрибаи фардӣ омезиш ёфта, таносуби шаклҳои суннатӣ ва шеъри озод вобаста ба муҳтаво тағйир мепазирад. Тартиби тадвини ҷилдҳои якуму дуюми «Маҷмуаи осор» имкони шинохти ин таҳаввулро фароҳам оварда, барои таҳқиқи минбаъдаи ҷанбаҳои фалсафӣ, панду ахлоқӣ ва воқеиятнигории ашъор асос медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия **«Мазмуну мундариҷаи ашъори Аскар Ҳаким»** ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар он таҷдиди шаклу муҳтавои анвои суннатии шеър, хусусиятҳои ифодаи андешаҳои фалсафӣ ва мавқеи панду ахлоқ дар осори манзуми шоир таҳқиқ шудаанд. Масъалаҳои мазкур дар иртибот бо таҳаввули ҷаҳонбинии бадеӣ, таҷрибаи зиндагӣ ва муносибати эҷодии адиб ба мероси адабӣ баррасӣ гардидаанд.

Фасли аввали боб **«Навовариҳои Аскар Ҳаким дар шеъри анъанавии муосир»** унвон дорад. Дар он хусусиятҳои чаҳорпора, дубайтӣ, рубоӣ, қитъа, фард ва ғазал аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва тарзи ифодаи андеша муайян шудаанд. Навовариҳои шоир дар доираи имкониятҳои жанрӣ, таносуби бандҳо, вазифаи мисраъҳои ҷамъбастӣ, қофиябандӣ ва ворид намудани маънию таъбирҳои муосир ба қолабҳои маъмул баррасӣ мешаванд. Муносибати ӯ ба анъана бо шинохти назариявии шеър пайваст буда, тағйироти шаклӣ аз муҳтаво ва тарзи инкишофи фикри бадеӣ ҷудо омӯхта намешаванд.

Дар чаҳорпораҳои Аскар Ҳаким яке аз хусусиятҳои ҷолиби сохторӣ ба ду банди чормисрагӣ пайвастани байти ҷамъбастист. Дар ин навъи шеър бандҳои аввал бо тартиби *а-б-а-б* ва байти охир бо қофияи *а-а* танзим мешаванд. Ду банди нахуст воқеа, ҳолат ё муқоисаи бадеиро инкишоф медиҳанд ва байти поён натиҷаи андешаро ба сурати ҳикмат ҷамъбаст мекунад. Чунин анҷомбандӣ мазмуни шеърро муҷаз ва

нишонрас гардонида, имкони мустақилона ба кор рафтани байти хулосавиро низ фароҳам меорад:

Ҳар куҷое хароба бошад агар,
Чист лозим харобаи дигар?! [2, с. 87]

Байти мазкур аз ҳолати мушаххаси дар шеър тасвиршуда маънии умумии ахлоқиро берун меорад. Дар ин сохтор байти ҷамъбастӣ идомаи мантиқии тасвир буда, вазифаи таъкиди ҳадафи маънавии шеърро иҷро мекунад. Дар чаҳорпораҳои дигар истифодаи бандҳои ҳамсохт, тартибҳои гуногуни қофия ва рукнҳои кутоҳ ба тағйири оҳанг ва тарзи баёни эҳсос мусоидат менамояд.

Дар идомаи фасл имкониятҳои маъноӣ ва сохтории дубайтӣ баррасӣ шудаанд. Дар таърифи назариявии ин жанр омадааст: «Дубайтӣ жанри лирикие мебошад, ки барои ифодаи эҳсосоти қалбию андешаҳои қаҳрамони лирикӣ эҷод мешавад ва ҳамагӣ як вазни анъанавӣ дорад» [37, с. 160]. Кутоҳии қолаб, ягонагии вазн ва фишурдагии эҳсос ба шоир имкон медиҳанд, ки як ҳолати отифӣ ё андешаи ҳикматомезро ба нуқтаи авҷи ифода расонад. Дар дубайтиҳои Аскар Ҳаким баробари ишқу ирфон масъалаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ низ мавқеъ доранд. Забони сода, оҳанги гуфторӣ ва наздикӣ ба таҷрибаи эҳсосии мардум аз хусусиятҳои дигари ин навъ ашъоранд.

Рубоӣ дар эҷодиёти Аскар Ҳаким барои ифодаи фалсафаи зиндагӣ, таҷрибаи ахлоқӣ ва муносибати интиқодӣ ба ҷомеа имкони фарох фароҳам меорад. Дар қисмати «Чамани ишқу андеша» рубоиҳо бо масъалагузорӣ, унвонҳои маънидор ва мисраи натиҷагир фарқ мекунанд. А. Шеърдӯст дар онҳо мавҷуд будани «масоили иҷтимоӣ ва ишқӣ ва дидгоҳҳои ҳакимонаву олимона»-ро [72, с. 301] таъкид кардааст. Дар таҳқиқ ҳамнавоии баъзе рубоиҳо бо суннати хайёмӣ аз рӯйи мавзуъҳои гузашти вақт, қадри умр ва муносибати инсон ба ҳастӣ нишон дода шудааст:

Дирӯз гузашту нест дигар дархур,
Фардо нарасидат, ғами фардот махур.
То риштаи умрат ба абад пайвандад,
Худро зи ҳамин рӯзи Худо ҳеч мабур [3, с. 324].

Андешаи ғанимат донистани имрӯз дар ин рубоӣ бо пайванди зиндагии фардӣ ба абадият ифода мешавад. Муроҷиат ба таҷрибаи Хайём бо нигоҳи иҷтимоӣ ва забони замони шоир ҳамроҳ гардидааст. Аз ин рӯ, ҳамнавоии мавзуӣ истиқлоли андеша ва шеваи баёнро аз байн намебарад. Рубоиҳои дигар ба худшиносӣ, ҳифзи забон, озодии маънавӣ ва масъулияти инсон бахшида шудаанд.

Дар фасл таносуби андеша ва шеърият низ аз назар дур намондааст. Истифодаи ахбор ё далели илмӣ танҳо ҳангоми ба тасвири бадеӣ табдил ёфтан арзиши шеърӣ пайдо мекунад. Гулназар дар арзёбии баъзе таҷрибаҳои шоир чунин мулоҳиза дорад: «Таваҷҷуҳи ӯ зиёда ба баёни ахбор сарф мешавад ва равониву зебоии шеър ба мадди дувум мегузарад» [24, с. 269]. Овардани ин назар имкони фарқ гузоштан ба миёни мустақими маълумот ва маъниофаринии бадеиро фароҳам меорад. Аз ҳамин ҷиҳат, навоварӣ дар мазмун бо тарзи ифода ва таъсири зебоишинохтии он арзёбӣ шудааст.

Қитъа ва фард низ дар осори шоир барои ифодаи ҳикмат, мушоҳидаи рӯзгор ва натиҷаи таҷрибаи шахсӣ истифода гардидаанд. Дар ин шаклҳо фишурдагии баён, интихоби ҷузъиёт ва анҷоми маънидор аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Дар ғазал бошад, баробари идомаи суннати ишқӣ, мазмунҳои иҷтимоӣ, воқеиятҳои зиндагӣ ва масъалаҳои рисолати суханвар густариш меёбанд. Пайванди маъноии байтҳо ба ягонагии мавзуъ ва инкишофи андеша мусоидат мекунад. Мулоҳизаи А. Сатторзода оид ба имкониятҳои ин жанр дар таҳқиқ асоси назарии баррасии тасвир қарор гирифтааст: «шакли ғазал барои офаридани портрети зоҳирӣ ва ҳолати ботинии қаҳрамон, тасвири манзараи реалистона имконияти фаровон дорад» [55, с. 67].

Ғазалҳои ишқӣ низ аз таҷрибаи эҳсосии шахсияти ғиноӣ, тасвири манзара ва маъниҳои ҳикматомез баҳра мегиранд. Истифодаи авзони баҳрҳои рамал, ҳазаҷ, муҷтас ва музореъ, тақсимшавии оҳангии мисраъ ва такрорҳои лафзӣ ба таровати баён мусоидат мекунанд. Натиҷаи баррасии фасл он аст, ки таҷдиди анвои суннатӣ дар ашъори Аскар Ҳаким аз ҳамбастагии сохтор, мазмун ва тарзи масъалагузорӣ ба вуҷуд меояд.

Фасли дуюми боб **«Ҷойгоҳи андешаҳои фалсафӣ дар ашъори Аскар Ҳаким»** ном дорад. Дар он муносибати тафаккури фалсафӣ ва бадеӣ, масъалаҳои вақт, маънии зиндагӣ, тазодҳои ҳастӣ, худшиносӣ ва масъулияти иҷтимоии инсон таҳлил шудаанд. Фарқи шеваи маърифат дар фалсафа ва шеър бо такя ба мулоҳизаи М. Диноршоев муайян мегардад: «тарзи ифодаи фалсафа забони илму андеша асту тариқи баёни шеър шеваи отифаву сувари хаёл» [25, с. 39]. Дар ашъори мавриди таҳқиқ андешаҳои ҳастишиносӣ тавассути эҳсос, манзара, сужа ва муносибати шахсияти ғиноӣ бо воқеият ифода меёбанд.

Нишонаҳои чунин тафаккур ҳанӯз дар ашъори нахустини шоир дида мешаванд. Дар «Падруди Варзоб» ҳаракати роҳу дарё ва мушоҳидаи манзара ба андеша дар бораи ҳаракати зиндагӣ мепайванданд. Ташхиси падидаҳои табиат имкон медиҳад, ки воқеаи зоҳирӣ бо ҳолати ботинии инсон ҳамоҳанг шавад. Дар «Суҳбати соат ва одам» низ воситаи баёни масъалаи фалсафӣ гуфтугӯи рамзист:

Соат гуфт:
Ман равонам,
Ту бимонӣ ё биравӣ -кори худат.
Ман ба роҳам.
Гар ҳаминро нафаҳмӣ,
Пас, чӣ арзиш дорад умрат? [2, с. 140]

Муқобилгузории ҳаракати пайвастаи соат ва имкони бозмондани инсон масъалаи истифодаи умрро матраҳ мекунад. Гузашти вақт аз хоҳиши инсон вобаста нест, аммо маънодор гардонидани он ба рафтор ва интихоби ӯ иртибот дорад. Суоли поён хонандаро ба арзёбии зиндагии хеш водор менамояд. Ҳамин хусусият дар рубоиҳои марбут ба қадри лаҳза ва умри инсон низ идома ёфтааст.

Масъалаи мақсади зиндагӣ дар шеъри «Интихоб» бо рӯ ба рӯ гузоштани ду имкони сарнавишт ифода ёфтааст: «Равию боз гардӣ, лек бемақсуд, // Равию барнагардӣ, лек бомақсуд» [2, с. 216]. Дар ин муқобилгузорӣ бақои ҷисмонӣ ва вафодорӣ ба мақсад ду меъёри интихоби инсонанд. Қаҳрамони ғиноӣ арзиши зиндагиро бо ҳадафи он месанҷад.

Устура ва ривоятҳои динӣ дар ашъори фалсафии Аскар Ҳаким воситаи бозандешии масъалаҳои инсонӣ гардидаанд. Дар «Буҳтони одам» ривояти Юсуф барои накуҳиши дурӯғ ва туҳмат, дар «Наҷоти хайр» қиссаи Нуҳ барои ифодаи орзуи раҳоӣ аз фоҷиаи иҷтимоӣ истифода шудааст. Дар силсилаи «Нону имон» ривояти Одам ва гандум ба маънии меҳнат ва офаридани зиндагии шоиста мепайвандад: «Баҳри гандум ронда шуд гӯё ки Одам аз биҳишт, // То биҳиште офарад худ, дар замин гандум бикишт» [3, с. 417]. Ривояти шинос дар ин байт мазмуни созандагӣ мегирад. Меҳнат ба инсон имкони обод намудани заминро медиҳад ва гандум аз ҷузъи ривоят рамзи рӯзӣ ва идомаи ҳаёт мегардад. Дар тасвири нонпазии модар низ ҳамин маънии офариниш идома меёбад. Рамзҳои динӣ ва мардумӣ дар низоми андешаи шоир бо арзишҳои ахлоқию иҷтимоии зиндагӣ алоқаманд мешаванд.

Дар ашъори хурд андешаи фалсафӣ бештар ба як ҷузъиёт, муқоиса ё анҷоми ғайримунтазира такя мекунад. Дар «Ду такяи такягоҳ» ниёзмандии мутақобили инсон ва девори куҳна аз як ҳолати рӯзгор маънии фарогир ҳосил мекунад. Дар рубоии марбут ба Нютон бошад, ривояти маъруфи себ ба масъалаи маърифат ва омодагии зеҳнӣ иртибот мегирад:

Себе, ки Нютонро афтод ба сар,
Дар лаҳза зи қонуни кашиш дод хабар.
Он себ агар бар сари пуч афтодӣ,
Ҷуз ғуррии сар набуд маҳсули дигар [3, с. 316].

Тазоди кашфи қонун ва танҳо осеби сар дидани шахси ноогоҳ фарқи мушоҳидаи одӣ ва дарки маъниро нишон медиҳад. Оҳанги танзомез ба таъкиди арзиши дониш хизмат мекунад. Дар фасл аз таҳлили ин гуна намунаҳо натиҷа гирифта шудааст, ки фалсафаи ашъори Аскар Ҳаким аз таҷрибаи зиндагӣ, маърифати илмӣ ва муносибати ахлоқии ӯ ба инсон сарчашма гирифта, дар сурати тасвири бадеӣ ифода меёбад.

Фасли сеюми боб **«Мавқеи панду ахлоқ дар ашъори Аскар Ҳаким»** унвон дошта, ба сарчашмаҳо ва шеваҳои ифодаи ҳикмати ахлоқӣ, истифодаи зарбулмасалу мақол, ривоятҳои мардумӣ ва такомули масал бахшида шудааст. Дар ин фасл идомаи суннати пандсароии адабиёти тоҷик дар иртибот бо

масъалаҳои маънавии замони муосир баррасӣ мешавад. С. Саидов хусусияти меҳварии андешаи шоирро чунин муайян кардааст: «Тору пуди шеъри Аскар Ҳаким ҳикмат аст» [52, с. 368]. Дар таҳқиқ ин нукта тавассути таҳлили таркиби шеър, вазифаи сужа ва маънии хулосаҳои пандомез асоснок мегардад.

Зарбулмасалу мақол дар ашъори Аскар Ҳаким ҳам ба шакли аслӣ ва ҳам бо коркарди маъноӣ истифода мешаванд. М. Неъматзода таъкид кардааст, ки «тамоми зарбулмасалу мақолҳои истифодакардаи шоир дар ду услуб: айнан ва мазмунан вомехӯранд» [45, с. 410]. Дар фасл, илова ба муайян намудани ин ду тарзи корбурд, вазифаи онҳо дар инкишофи андеша, офаридани тасвир ва таъкиди ҳадафи ахлоқӣ таҳқиқ шудааст. Гуфтори мардумӣ гоҳ далели андешаи шоир, гоҳ асоси муқоиса ва гоҳ натиҷаи ҷамъбастии шеър мегардад.

Корбурди мақоли ошно дар шеърҳои дигар бо мазмуни меҳрубонӣ ва эҳтиёҷи одамон ба якдигар пайвастааст:

Эй раҳгузар, беғам марав,
Бе ту ба ӯ ғам мерасад.
Кай мерасад кӯҳе ба кӯҳ,
Одам ба одам мерасад [2, с. 57].

Дар ин банд мақол ба муроҷиати мустақими қаҳрамони ғиноӣ мепайвандад. Ду мисраи аввал сабаби ахлоқии беэътино набуданро баён мекунанд ва ду мисраи баъдӣ онро бо таҷрибаи ҷамъбастшудаи мардум тақвият медиҳанд. Гуфтори маъруф дар доираи мазмуни нав вазифаи далел ва хулосаро ба уҳда мегирад.

Дар манзумаи «Санги ман – алмос» ва рубоиҳо гуфторҳои мардумӣ барои баёни таҷрибаи зиндагӣ, ҳадшиносӣ, масъулият ва худдорӣ аз сухани носанҷида истифода шудаанд. Дар шарҳи ин хусусият мулоҳизаи худи Аскар Ҳаким оид ба ашъори А. Шукӯҳӣ аҳаммият дорад: «шеърҳое, ки дорои андешаҳои фалсафӣ ва панду ҳикмат ҳастанд, бешубҳа, бо таҷрибаи зиндагии воқеӣ ва маънавии шоир пайванди мустаҳкам доранд» [6, с. 104]. Робитаи зикршуда дар ашъори худи Аскар Ҳаким низ дида мешавад, яъне, мазмуни ҳикматомез аз мушоҳида, таҷриба ва муносибати шахсӣ ба воқеа ҳосил мегардад.

Дар солҳои охир шоир баробари истифодаи масал дар дохили шеър ба таълифи асарҳои мустақили ин навъ рӯ

овардааст. Дар «Сангпушт ва уқоб» рафтори ҳайвонот маънии иҷтимоӣ ва ахлоқӣ гирифта, даъвои бузургманишӣ ва шуҳратталабӣ мавриди накуҳиш қарор мегирад:

Сангпуште хост боре аз уқоб:
«Ту маро бар бар фаротар аз саҳоб,
То ки бинанд ин замингирони паст,
Байнашон чун ман фалакрав низ ҳаст»...
Омаду бардошт аз хокаш уқоб,
Бурд бар авҷаш, фаротар аз саҳоб... [78]

Хоҳиши сангпушт аз ниёзи зоҳирнамоӣ сар мезанад. Ӯ баландиро барои болотар намудан аз дигарон мехоҳад. Сужаи масал натиҷаи ҳамин номувофиқатии даъво ва имкониятро нишон медиҳад. Дар масали уқоб ва зоғ бошад, ҳасад сабаби озори дигаре мешавад. Ҳар ду асар тавассути рафтори рамзии қаҳрамонҳо камбудии ахлоқиро ошкор мекунанд. Қолаби маснавӣ ва оҳанги ривоятӣ барои баёни пайдарпайи воқеа ва натиҷагирӣ имкони муносиб медиҳанд.

Дар ин фасл муайян шудааст, ки масалҳои Аскар Ҳаким бо истифода аз таҷрибаи адабиёти классикӣ ва мардумӣ масъалаҳои худшиносӣ, ҳасад, шуҳратталабӣ ва масъулияти шахсро ба муҳокима мегузоранд. Панд дар онҳо аз рафтор, гуфтугӯ ва оқибати амали қаҳрамон бармеояд. Аз ин рӯ, ҳикмати ахлоқӣ бо сужа ва образ алоқаманд гардида, ба таъсири маънавии асар меафзояд.

Натиҷаҳои боби дуюм нишон медиҳанд, ки таҳаввули ашъори Аскар Ҳаким дар пайванди таҷдиди шаклҳои суннатӣ, густариши андешаи фалсафӣ ва тақвияти муҳтавои ахлоқӣ сурат гирифтааст. Чаҳорпора, рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, қитъа ва масал вобаста ба хусусияти масъала имкониятҳои гуногуни баён пайдо мекунанд. Истифодаи образҳои табиат, воқеаҳои зиндагӣ, устура, ривоят ва гуфтори мардумӣ ба шоир имкон медиҳад, ки маъниҳои иҷтимоӣ ва ҳастишиносиро бо эҳсоси фардӣ пайванд диҳад. Ҳикматгароӣ дар ин низоми бадеӣ ҳам ба тарзи масъалагузорӣ ва ҳам ба сохтору анҷомбандии шеър таъсир мерасонад.

Боби сеюми диссертатсия **«Поэтикаи ашъори Аскар Ҳаким»** ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар он хусусиятҳои

сабку услуб, вазифаи санъатҳои бадеӣ, мақоми шеъри озод ва шеваҳои воқеиятнигорӣ дар ашъори ғиноии шоир таҳқиқ шудаанд. Меҳвари баррасиро муносибати андешаи назариявӣ ва тачрибаи эҷодӣ, таҳаввули тарзи тасвир ва вобастагии сохтори шеър ба муҳтавои он ташкил медиҳад.

Фасли аввали боб **«Сабку услуб ва санъатҳои бадеӣ дар ашъори Аскар Ҳаким»** унвон дорад. Масъалаи сабки фардии шоир бо шарҳи мафҳумҳои сабку услуб ва меъёрҳои шинохти онҳо оғоз меёбад. Ба тафсири М. Муродӣ «сабк ҷиҳатҳои муштараки услубии гурӯҳи муаллифон аст, ки хусусияти типпӣ пайдо кардааст, масалан, сабки хуросонӣ, ироқӣ ва ҳиндӣ» [36, с. 81]. Бо такя ба чунин тафовут, дар фасл ҳам нишонаҳои муштараки шеъри давр ва ҳам хусусиятҳои баёну тасвири Аскар Ҳаким мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Меъёри асосии арзёбӣ ягонагии маъниву сурат ва тарзи фардии дарку ифодаи воқеият мебошад.

Омӯзиши сабки шоир бо назардошти муҳити таърихию адабӣ, хусусиятҳои забонӣ, фикрӣ ва ҳунарии ашъор анҷом ёфтааст. Дар ин маврид мулоҳизаи Маликушшуаро Баҳор аҳаммияти методологӣ дорад: «Барои фаҳми муҳити маънавии як шоир ё насрнавис бояд ба таърихи сиёсию иҷтимоӣ ва илмии асри вай ошно гардид» [19, с. 19-20]. Аз ҳамин дидгоҳ, ашъори Аскар Ҳаким дар ду марҳилаи асосии эҷодиёт, яъне, даврони шуравӣ ва Истиқлоли давлатӣ баррасӣ шуда, тағйири мавзуъ, луғот, оҳанги сухан ва воситаҳои тасвир муайян гардидааст. Дар таҳлили сохтор мусиқии калом, таносуби овозҳо ва муносибати вазну қофия бо эҳсоси шоир низ ба эътибор гирифта шудаанд.

Дар марҳилаи аввал мавзуъҳои иҷтимоӣ, ватандӯстӣ, меҳнат ва масъулияти инсон бештар матраҳ гардида, оҳанги муроҷиат, даъват ва ифтихор мавқеи намоён дорад. Шеърҳои «Асри бист», «Мероси аҷдод», «Хоки Ватан» ва «Масъули замин» аз ҷиҳати интихоби мафҳумҳо ва тарзи масъалагузорӣ хусусиятҳои шеъри иҷтимоии замонро инъикос мекунанд.

Бо такомули тачрибаи эҷодӣ тарзи мустақили маъниофаринӣ ва ташкили сухан ташаккул ёфтааст. Камол Насрулло ин хусусиятро чунин арзёбӣ кардааст: «Аскар Ҳаким на ба забони маъмулие, ки ҳамагон менависанд, шеър мегӯяд, ӯ

як забон ва баёни хоси худро дорад... Бадоҳатан мехоҳад дар як шеър ҳама гапро гунҷонад, яъне, ки шеъри ӯ дар аксари мавридҳо хеле пурбор аст» [75]. Пурбории маъно, ҷустуҷӯи таъбир ва кӯшиши ба як тасвир пайвастани чанд муносибати фикрӣ аз нишонаҳои ҳамин истиқлоли ҳунарианд.

Дар ашъори солҳои нооромии ҷомеа тағйири оҳанг бо дигар шудани луғот ва низоми рамзҳо ҳамроҳ мегардад. Дар «Шаҳри меҳолуд», «Чӣ эҳсоне?!», «Чӣ кунам?!» ва «Муаммои ворастан» фазои тира, бепаноҳӣ, гуруснагӣ ва изтироб ҳолати иҷтимоиву равонии инсонро таҷассум мекунанд. Манзараи табиат дар «Муаммои ворастан» ба маънии нобасомонии зиндагӣ пайвастааст:

Дар заминҳо обҳо кӯланд,
Чӯҷаҳо дар лой меҷӯланд...
Бод мешӯрад...
Абр мегиряд...
Раъд меғуррад [2, с. 166-167].

Пайдарҳамии ҳаракатҳо, ташхиси абру раъд ва кутоҳшавии мисраъҳо ҳисси ташвишро тақвият медиҳанд.

Қисмати дигари фасл ба вазифаи маънофарини санъатҳои бадеӣ бахшида шудааст. Ташбеҳ, истиора, ташхис, тазод, мурооти назир, талмеҳ ва ирсоли масал дар муносибат бо андеша ва ҳадафи шеър таҳлил мегарданд. С. Сухоян дар арзёбии ҳунари тасвирии шоир навиштааст: «Чунин тарзи баён дар назм метавон гуфт, ки комилан нав аст. Шоир ашёеро ба ҳам мепайвандад, ки пайванд нашуданианд, чунончи, гулро бо шутурхор, сарвро бо газна...» [56, с. 276-277]. Пайвастани ашёи зоҳиран дур аз ҳам ба шоир имкон медиҳад, ки робитаҳои ғайримунтазираи маъноиро ошкор созад. Дар «Баргпайванд», «Лолаи сӯзон», «Бо ишқу орзуҳо» ва ғазалҳои ишқӣ маъниҳои эҳсосӣ ба воситаи образҳои наботот, рӯшноӣ, шаб ва ҳаракати табиат таҷассум меёбанд.

Мурооти назир ва такрор дар шеърҳои «Аз навбаҳори рӯят», «Дигар кай мерасад дида ба дидор?» ва «Ҳузни ширин» ба ягонагии муҳити тасвир мусоидат мекунанд. Вожаҳои марбут ба рӯшноӣ, борон, баҳор ва тароват якдигарро аз ҷиҳати маъно такмил медиҳанд. У. Тоиров ин вазифаро чунин шарҳ додааст:

«Риояи таносуби сухан яке аз воситаҳои асосии хубтару беҳтар ифода кардани маъно мебошад... Истифода ва риояи дурустии ин санъат ба шоир имконият медиҳад, ки ӯ аз роҳи самимият ва ифодаи табиии сухан берун наравад» [61, с. 340]. Дар ашъори мавриди таҳқиқ таносуби вожаҳо ҳам маъниро мутамарказ месозад ва ҳам оҳанги эҳсосиро нигоҳ медорад.

Дар ҷамъбасти фасл таъкид мешавад, ки арзиши тасвир аз вазифаи он дар ифодаи маъно бармеояд. Худи Аскар Ҳаким аз пайомади ба ҳадафи мустақил табдил додани образ ҳушдор додааст: «Ба шоир чунин вонамуд шуданаш мумкин аст, ки ба ҳар объект образ ёфта, онро бо ташбеҳу истиораю маҷозҳо гуфтан камоли ҳунар бошад... Пайравони мактаби имажинизм образро ба мақсади асоси шеър табдил ва мазмунро қурбони он карда, ба чунин натиҷаи номатлуб расидаанд, ки моҳияти иҷтимоии шеъру адабиётро инкор кардаанд» [64, с. 300]. Таҳқиқ далел аст, ки хусусияти фардии ашъори ӯ дар пайванди воқеиятнигорӣ, ҳикматгароӣ ва тасвирҳои ҳиссӣ шакл гирифта, санъатҳои бадеӣ барои ифодаи муносибати фикрию эҳсосии шоир ба инсон ва ҷомеа хизмат мекунанд.

Фасли дуюми боб **«Мақоми шеъри озод дар эҷодиёти Аскар Ҳаким»** ном дорад. Дар он заминаҳои рӯ овардани шоир ба ин шакл, хусусиятҳои вазну қофия, дарозию кутоҳии мисраъҳо ва вобастагии тарҳи шеър ба ҷараёни андеша таҳқиқ шудаанд. Шарҳи мухтасари таҷрибаҳои шеъри нав дар адабиёти тоҷик барои муайян намудани ҷойгоҳи навҷӯиҳои Аскар Ҳаким истифода гардидааст. Мавқеи назариявии шоир дар ин масъала мушаххас аст: «Шеъри озоде, ки имрӯз дар назми муосир мавқеъ дорад, шеъри арӯз ва қофияи озод аст... Шеъри озоди муосири тоҷик вазн дорад ва ин вазн арӯз аст» [5, с. 226]. Аз ин рӯ, таҳлили ашъори ӯ бо фарқ гузоштан миёни озодии сохтор ва аз байн рафтани вазн анҷом ёфтааст.

Нишонаҳои шакли озод дар таҷрибаҳои нахустини шоир дида шуда, минбаъд бо тақвияти мазмунҳои иҷтимоӣ густариш ёфтаанд. Дар фасл соли 1987 ба марҳилаи муҳими ин густариш иртибот дода мешавад. М. Меҳрдод мақоми чунин ашъорро дар эҷодиёти шоир баланд арзёбӣ намудааст: «беҳтарин шеърҳои Аскар Ҳаким шеърҳои нимоӣ ва чорпораҳои ӯянд» [33, с. 422].

Таваҷҷуҳ ба шеъри нимоӣ имкони ба сохтори мисраъ мутобиқ сохтани таваққуф, таъкиди мантиқӣ ва тағйири ҳолати эҳсосиро бештар кардааст.

Дар «Ту маро мешунавӣ?» муроҷиати ошиқона бо тақсимоти оҳангии ҷумла ва кутоҳии мисраъҳои амрӣ ифода мешавад:

Ҷони ширин, ту биё,
Боз ҷойи ҳама гулҳои чаман
Ту биханд.
Ҷойи мурғони хушилҳон
ба бари боғи ҷавон
Ту бихон [2, с. 152].

Ҷудо омадани муроҷиат ва феълҳои амрӣ садои гуфтугӯро қувват дода, таъкиди маъноиро ба худ мегирад. Иваз намудани гулу мурғон бо хандаву суруди маҳбуба таносуби инсон ва табиатро ба вуҷуд меорад. Тақсимоти мисраъҳо ба ҳаракати эҳсос мувофиқ аст, яъне, сухан аз муроҷиати кутоҳ оғоз ёфта, ба тасвири муфассалтар мегузарад ва боз дар феъли амрӣ ҷамъбаст мешавад.

Имкониятҳои иҷтимоии шеъри озод дар «Армон» бештар ошкор мешаванд. Шоир миёни дастоварди бузурги саноатӣ ва шароити рӯзгори сокини деҳот тазод мегузорад:

Нораки овозадорам
Мекунад сарчашмаи хуршедро ҳам хирасӯз;
Он гаҳе, ки пушти пушта
норакии ГЭС-дор
Бо чароғи пилта чун дар асри даҳ
Шоми худро мекунад бо дуд рӯз [2, с. 139].

Ҷудо шудани таъбири марбут ба сокини Норак таваҷҷуҳро ба тақдири инсон равона мекунад. Муқоисаи неругоҳи барқӣ ва чароғи пилта маънии интиқодиро бе шарҳи мустақими тулонӣ мерасонад. Мисраъҳои дарозу кутоҳ бо паҳнои муқоиса ва тағйири таъкид ҳамоҳанганд. Дар «Суруди фардо» ва «Таънаи фаришта» низ шакли озод ба баёни масъалаҳои сулҳ, қадри инсон ва масъулияти маънавии ӯ мусоидат менамояд.

Дар «Марде аз балкон...» такрори феъл ва ҷудо овардани аъзои ҳампоя шиддати фарёдро ба сохтори шеър мегузаронанд:

Мекунад фарёдҳо буду шудашро ӯ,
Ҳам писарро,
Ҳам занашро,
Ҳам худашро ӯ [2, с. 59].

Рӯйхати кутоҳи шахсони мавриди хитоб доираи дарди қаҳрамонро тадриҷан ошкор месозад. Дар баробари танҳоӣ ва меҳри фарзанд, муносибати шахс бо зиндагии хеш низ ба миён меояд. Таваққуфҳои пайдарҳам ба ҳар ҷузъи ин муносибат таъкиди алоҳида мебахшанд.

Дар манзумаи «Анушервон дар додгоҳи адл» шакли озод барои бозандешии тасаввури таърихӣ истифода шудааст. М. Диноршоев ин мувофиқатро чунин арзёбӣ мекунад: «он дар таҷрибаи шеъри муосири тоҷик нодир аст... дар ин шеър ҳамаи воситаҳои шаклӣ, аз ҷумла, вазну қофия барои ифодаи матлуби муҳтаво созгор сохта мешаванд» [25, с. 162]. Ҷудо овардани вожаҳои меҳварӣ зиддияти рафтори ҳоким ва номи дар таърих боқимондаи ӯро таъкид менамояд:

Ҳар қадар
золимтар ӯ будаст,
номаш
он қадар
одилтар оварданд [3, с. 485].

Муқобилгузории золимӣ ва одилӣ дар ин пора ҳам маъноӣ ва ҳам сохторист. Тақсимоти мисраъ хонандаро водор мекунад, ки ҳар зинаи муқоисаро алоҳида дарёбад. Бо ҳамин роҳ, андешаи интиқодӣ ба тарзи хониш ва оҳанги шеър пайваст мешавад. Ин таҷрибаҳо ба мулоҳизаи Н. Нодирпур наздиканд: «пояи асосии кор дар шеъри нав ин аст, ки шеърро бояст ба табиати наср наздик кунем» [46, с. 156]. Наздикӣ ба гуфтори табиӣ дар ашъори Аскар Ҳаким бо нигоҳ доштани мусиқӣ ва фишурдагии тасвир сурат мегирад. Натиҷаи фасл он аст, ки шеъри озод барои ӯ имкони таҷдиди забон, густариши мазмунҳои иҷтимоиву фалсафӣ ва мутобиқ сохтани сохтор ба ҳаракати андеша мебошад.

Фасли сеюми боб **«Воқеиятнигорӣ дар ашъори ғиноии Аскар Ҳаким»** унвон дорад. Дар он муносибати санади зиндагӣ, сужа ва эҳсоси ғиноӣ таҳқиқ шуда, роҳҳои ба маънии фарогири инсонӣ расидани таҷрибаи фардӣ муайян гардидаанд. Андешаи назариявии худи шоир барои шарҳи ин масъала асос қарор гирифтааст: «дар ашъори шуарои бузург санади ҳаёти шахсии онҳо ба санаде мубаддал мегардад, ки ба дигарон ҳам тааллуқ гирифта, ҳиссиёту таассуроти онҳоро низ ифода менамояд» [5, с. 12]. Дар чунин шеърҳо воқеаи шахсӣ аз тариқи интихобу танзими ҷузъиёт, тасвир ва арзёбии эҳсосӣ умумият пайдо мекунад.

Дар фасл воқеиятнигорӣ бо тасвири олами ашё, ҳодисаи зиндагӣ ва муносибати шахсияти ғиноӣ ба онҳо алоқаманд дониста шудааст. Ба таъкиди Аскар Ҳаким, ҳадафи «инъикоси шеъри ғиноӣ танҳо олами ботин набуда, олами воқеъ ҳам мебошад» [4, с. 32]. Тафовути дарунгароӣ ва бурунгароӣ низ дар ҳамин иртибот баррасӣ мегардад, яъне, майл ба ҷаҳони ботинӣ ё воқеияти берунӣ тарзи ташкили тасвирро муайян мекунад, аммо дар шеъри ғиноӣ ин ду ҷанба ба ҳам мепайванданд. Мавҷудияти ҳикоят ва ашёи рӯзгор ҳангоми баёни эҳсоси шахс вазифаи бадеӣ пайдо мекунад.

Дар «Суфраи модар» аз силсилаи «Нону имон» хотираи кӯдакӣ, ҷанг ва маҳрумият аз меҳри модар ба як ҳикояти фишурда пайвастаанд:

Нони модар медиҳад атфолро зӯру мадор,
Ман ба тифлиям нахӯрдам сер нони модарам.
Рӯзҳое, ки падар буд дар миёни корзор,
Шуд ба ҷурми нокасе барбод ҷони модарам.
Захмию ғамгин падар баргашт аз ҷанги шадид,
Хонаву ҷоро бидиду ҳамсари худро надид.
Чанд соле ғам кашиду баъд бахташро бикофт,
Ӯ ба худ зан ёфт, аммо тифли ӯ модар наёфт [3, с. 414].

Робитаи сабабии воқеаҳо сужаро ба вуҷуд меорад, вале маркази эҳсосии банд дар мисраи охир қарор дорад. Зан ёфтани падар ва модар наёфтани фарзанд нобаробарии ҷуброни талафотро нишон медиҳад. Ҳамин муқобилгузорӣ санади тарҷумаиҳолиро ифодаи дарди умумии ятимӣ мегардонад.

Ҷузъи воқеӣ таъсири ғиноиро тақвият бахшида, маънии нон ва суфраи модарро ба хотираи меҳру парастории мепайвандад.

Пайванди фоҷиаи кӯдакӣ ва мавқеи ахлоқии шоир аз назари Р. Ҳамзатов низ дур намондааст: «Эҳсоси тоқатнопазирӣ дар шоир ба ҳамаи он чизе, ки барои инсон ва умуман башарият, ҳалокатовар аст, маҳз аз замони бачагӣ, бо сабаби аз тири силоҳбадасти маст ба марг расидани модар ташаккул меёбад» [65, с. 18].

Воқеиятнигорӣ дар шеърҳои кутоҳ бештар аз як мулоқот, гуфтугӯ ё ҷузъиёти рӯзгор оғоз меёбад. Дар «Билети рафту омад» маслиҳати фурӯшандаи чипта ба пурсише дар бораи бозгаштнопазирии умр мерасонад: «Гуфтам ба диёри умри инсон, // Ин гуна билет дорӣ, оё?» [2, с. 275].

Гузариш аз маънии маъмулӣ ба маънии фалсафии рафту омад бо як суол анҷом мепазирад. Воқеаи одӣ имкони ба миён гузоштани масъалаи ҳастишиносиро фароҳам меорад. Дар «Лутфи ширин» ва «Нимшӯхӣ, нимҷиддӣ» низ муносибатҳои ҳаррӯза бо лутф, танз ва худсанҷии шоирона омехтаанд. Кутоҳии ҳикоят ба фишурдагии маъно мусоидат мекунад.

Дар «Талбаки талбидаам» ҳодисаи ҳалокати ҷавон ҳангоми наҷоти гандумзор аз оташ тавассути садои модар тасвир мешавад. Такрори муроҷиат ба фарзанд андуҳро дар бандҳои шеър нигоҳ дошта, ҷанбаи ҳамосиро бо эҳсоси ғиноӣ мепайвандад: «Дар ҳамин даврони сериву пурӣ, эй ҷони ман, // Баҳри гандум шарт буд оё дар оташ сӯхтан?» [3, с. 437].

Суоли модар фоҷиаи талафот ва арзиши фидокориро ҳамзамон эҳсосшаванда мекунад. А. Сайфуллоев хусусияти тасвири шоирро чунин муайян намудааст: «Шоир ба мавзуи Ватан вусъат мебахшад, умумигӯй накарда, фикру мулоҳизаҳояшро ба воситаи манзара ва образҳои конкрет ифода месозад» [47, с. 200]. Тақдири шахси мушаххас барои баёни масъулият дар назди Ватан, қадри нон ва эҳтироми меҳнат асос мегардад.

Натиҷаи фасл бо ин андешаи назариявӣ мувофиқ меояд, ки сухани ҳикоятӣ «дар таркиби асарҳои навъи ғиноӣ ба кор равад ҳам, хусусияти ғиноии онро тағйир намедиҳад» [4, с. 425]. Воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким тавассути хотираи

тарҷумаиҳолӣ, воқеаи иҷтимоӣ, ҷузъиёти рӯзгор ва сужаи таърихию ривоятӣ амалӣ мегардад. Ҳар кадоми ин унсурҳо ба ифодаи ҳолати шахсияти ғиноӣ ва муносибати арзёбии ӯ ба зиндагӣ тобеъ шудаанд.

Натиҷаҳои боби сеюм нишон медиҳанд, ки поэтикаи ашъори Аскар Ҳаким дар ҳамбастагии сабки фардӣ, низоми тасвир, сохтори оҳангӣ ва воқеиятнигорӣ ташаккул ёфтааст. Истифодаи санъатҳои маънавӣ ба амиқшавии маъно, имкониятҳои шеъри озод ба мутобиқати сохтору эҳсос ва ворид шудани сужа ба мушаххас гардидани андешаи ғиноӣ мусоидат мекунанд. Таҷрибаи шоирии ӯ бо андешаҳои назариявиаш дар бораи моҳияти шеър, вазифаи тасвир ва анвои шеъри ғиноӣ иртиботи бевосита дорад.

ХУЛОСА

Пажуҳиши осори манзуми Аскар Ҳаким, баррасии марҳилаҳои фаъолияти эҷодӣ, доираи мавзуъҳо, шаклҳои шеърӣ ва вежагиҳои сабкии он имкон дод, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқ ба тариқи зер ҷамъбаст карда шаванд:

1. Эҷодиёти Аскар Ҳаким ба даврае аз таърихи шеъри муосири тоҷик тааллуқ дорад, ки назми тоҷик дар фосилаи охири солҳои ҳафтодуми асри ХХ то замони Истиқлоли давлатӣ аз лиҳози мавзуъ, тарзи тафаккур, сохт ва шеваҳои ифода дигаргуниҳои ҷиддиро аз сар гузаронидааст. Фаъолияти эҷодии шоир ба ду марҳилаи асосӣ, яъне, давраи шуравӣ ва давраи Истиқлоли давлатӣ ҷудо гардида, фарқи ин ду давра аз рӯйи муҳтаво, муносибат ба воқеият ва хусусиятҳои услубӣ мушаххас мегардад. Тағйири шеъри Аскар Ҳаким дар ин ду марҳила аз таҳаввулоти таърихию иҷтимоии ҷомеаи тоҷик ҷудо набуда, дар баробари тағйири ҷаҳонбинии эҷодкор дигар шудани нигоҳи ӯро ба инсон, ҷомеа ва вазифаи шеър низ фаро мегирад [1-М; 2-М].

2. Шинохти шахсияти адабии Аскар Ҳаким бе назардошти муҳити тарбия, рӯзгори кӯдакиву наврасӣ, фаъолияти илмӣ ва таҷрибаи давлатию ҷамъиятии ӯ комил нахоҳад буд. Пайвастагии ин соҳаҳо доираи мушоҳида ва таҷрибаи зиндагии шоирро фарох намуда, дар интихоби мавзуъ,

мавқеи иҷтимоӣ ва табиати андешаҳои ӯ таъсири муайян гузоштааст. Ҳузури фаъоли Аскар Ҳаким дар ҳаёти илмию адабӣ ва ҷамъиятии кишвар, аз ҷумла, дар солҳои пурошӯби таърихи навини Тоҷикистон, ба шеъри ӯ низ роҳ ёфта, таваҷҷуҳ ба сулҳ, оромии ҷомеа, худшиносӣ ва масъулияти инсонро тақвият бахшидааст [1-М; 7-М].

3. Ташаккули шеъри Аскар Ҳаким ба марҳилае рост меояд, ки дар назми тоҷик таваҷҷуҳ ба масъалаҳои инсон, муҳити иҷтимоӣ ва маърифати фалсафии зиндагӣ меафзуд. Дар ашъори нахустини ӯ тасвири табиат, эҳсоси ватандӯстӣ, ишқ ва мушоҳидаҳои рӯзгор бештар ба назар мерасанд, вале аз солҳои ҳаштодуми асри XX мавзую масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ тадричан ба меҳвари андешаи шоир роҳ меёбанд. Аз ҳамин давра дар шеъри ӯ тавсифи падидаҳо бештар бо тафсири маънавии онҳо пайваста, ҳикмат ва таҷрибаи зиндагӣ низ ҷойгоҳи устувортар пайдо мекунанд [2-М; 3-М; 6-М].

4. Давраи Истиқлоли давлатӣ дар эҷодиёти Аскар Ҳаким бо тағйири назарраси фазои маънавӣ ва доираи мавзуъҳои шеъри ӯ фарқ мекунад. Истиқлол, худшиносии миллӣ, ваҳдат, сулҳу осоиш, сарнавишти инсон, мушкилоти иҷтимоӣ ва арзишҳои маънавӣ дар осори ин солҳо бо эҳсоси амиқтари масъулияти шаҳрвандии шоир пайванд мехӯранд. Дар ашъори солҳои муқовимати дохилӣ воқеаҳои ҷанги шаҳрвандӣ бештар ба сурати тасвири мустақими воқеаҳо пешниҳод нашуда, мавқеи муаллиф тавассути даъват ба оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, созиш ва маҳкум кардани муқовимати иҷтимоӣ ифода ёфтааст [4-М; 9-М].

5. Таҳаввули мазмунии ашъори Аскар Ҳаким аз густариши пайвастаи доираи андешаҳои шоир шаҳодат медиҳад. Агар дар марҳилаи аввал тасвир, ватандӯстӣ ва эҳсоси лирикӣ бартарӣ дошта бошанд, дар даврaҳои баъдӣ масъалаҳои иҷтимоӣ, фалсафаи зиндагӣ, ахлоқ, панду ҳикмат, худшиносии инсон ва муносибати ӯ бо ҷомеа мавқеи бештар касб мекунанд. Ҳамин боис шуда, ки шеъри А.Ҳаким дар баробари нигоҳ доштани ҷанбаи эҳсосӣ, бештар ба ифодаи таҷрибаи фикрӣ ва маънавии инсон майл намояд [4-М; 5-М; 6-М].

6. Пайванди суннат ва навҷӯӣ аз вежагиҳои меҳварии эҷодиёти Аскар Ҳаким ба шумор меравад. Ӯ ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ, қитъа ва дигар қолабҳои маъмули шеъри классикиро нигоҳ дошта, зарфияти онҳоро барои ифодаи мазмунҳои нави иҷтимоӣ, сиёсӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ ба кор гирифтааст. Таҷрибаҳои шоир дар сохтори чаҳорпора, аз ҷумла, шаклҳои дорои таркиби хоси банду басти ҷамъбастӣ, аз кӯшиши мутобиқ сохтани устухонбандии шеър ба табиати андеша ва тарзи нави баён дарак медиҳанд [2-М; 9-М].

7. Майли шоир ба шаклҳои кутоҳи шеърӣ дар марҳилаи дуюми эҷодиёти ӯ бештар гардида, рубоӣ, дубайтӣ, фард, қитъа ва масал воситаи муносиб барои ифодаи ҳикмат, таҷрибаи рӯзгор ва мушоҳидаҳои ахлоқию фалсафӣ гардидаанд. Фишурдагии сохтории ин шаклҳо ба табиати андешаҳои баъдии Аскар Ҳаким созгор омада, ба ӯ имкон додааст, ки як ҳолат, таҷриба ё хулосаи зиндагиро дар доираи маъноии маҳдуд, вале пурбор баён кунад. Махсусан, рубоӣ дар солҳои баъдӣ дар эҷодиёти шоир аҳаммияти бештар пайдо карда, масъалаҳои инсон, зиндагӣ, ахлоқ ва шинохти маънавиро фаро гирифтааст [1-М; 6-М].

8. Панду ҳикмат дар осори Аскар Ҳаким бо таҷрибаи шахсии шоир, мушоҳидаҳои иҷтимоӣ ва дарки ӯ аз маънии зиндагӣ омезиш ёфтааст. Корбурди мақолу зарбулмасал, устура, ривоятҳои халқию динӣ ва маъниҳои масалӣ барои тақвияти андешаи ахлоқӣ ва фалсафӣ хидмат мекунад. Масалҳои манзуми солҳои охир, ки дар онҳо ҳайвонот ва наботот вазифаи рамзӣ мегиранд, низ ба ҳамин шеваи баёни ҳикмат тааллуқ дошта, далел ва майли шоир ба хулосаҳои маънавию тарбиявӣ мебошанд [1-М; 6-М].

9. Сабки фардии Аскар Ҳаким якбора шакл нагирифта, дар тули фаъолияти эҷодӣ аз марҳилаҳои гуногун гузаштааст. Дар ашъори нахустин таъсири Аминҷон Шукӯҳӣ ва баъзе хусусиятҳои шеъри ҳамзамонон эҳсос мешавад, вале тадриҷан тарзи хоси тасвир, оҳанги ботамкин, майл ба ҳикмат, ахлоқ, масъалаҳои иҷтимоӣ ва баёни фалсафӣ аз аломатҳои устувори шеъри ӯ мешаванд. Дар марҳилаи камол баҳрагирӣ аз суннати классикии тоҷику форс ва таҷрибаи шеъри муосири форсизабон

дар тарзи андеша, интихоби вожа ва сохти баён бештар мушоҳида мегардад [2-М; 8-М; 7-М].

10. Вусъати шаклҳои шеърӣ дар давраи дуюми фаъолияти Аскар Ҳаким бо фарохтар шудани доираи маъноии ашъори ӯ ҳамоҳанг аст. Дар ин марҳила дар канори ғазалу рубоӣ ва дигар анвои суннатӣ, шеъри озод, осори калонҳаҷм, ашъори фалсафию ирфонӣ ва шеърҳои дорои сохти озодтар бештар ба назар мерасанд. Тасвирофарӣ ва сувари хаёл дар ин давра вазифаи васеътар гирифта, ба ифодаи ҳолати руҳӣ ва маънии фалсафии шеър мусоидат кардаанд [2-М].

11. Шеъри озод дар эҷодиёти Аскар Ҳаким натиҷаи ҷустуҷӯи тадриҷии имкониятҳои нави шакл аст. Дар таҷрибаҳои аввал дарозу кутоҳ шудани мисраъҳо ва шикастани рукнҳои вазнӣ ба назар мерасад ва минбаъд ин ҷустуҷӯҳо ба истифодаи фарохтари сохтори озод анҷомидаанд. Шоир бештар мавзуъҳои иҷтимоӣ, ҳамосӣ, тасвирӣ ва ҳикматомезро дар чунин шакл баён намуда, дар айни озодии сохтор аз имкониятҳои вазн ва қофия пурра даст накашидааст. Барои ӯ шеъри озод, пеш аз ҳама, имкони раҳо кардани андеша аз маҳдудияти қолаб ва мутобиқ сохтани тули мисраъ, таркиби ҷумла ва интихоби вожа ба ҳаракати табиии фикру эҳсос будааст [6-М].

12. Корбурди санъатҳои бадеӣ дар ашъори Аскар Ҳаким ба зарурати маъно ва тасвир тобеъ аст. Дар шеъри ӯ бештар аз санъатҳои лафзӣ истифода шуда, истиора, ташбеҳ, маҷоз, тазоду муқобала, талмеҳ, ирсоли масал ва дигар санъатҳои маънавӣ дар ташаккули образ, афзудани зарфияти маъноии вожа, пайвастани воқеият бо тахайюл ва муассир гардидани баёни эҳсосию фикрӣ саҳм мегиранд. Дар ин миён истиора аз воситаҳои серистеъмол ва муассири тасвирсозии шоир мебошад [3-М].

13. Воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким бештар дар пайванди лирика бо воқеа, ҷузъиёти зиндагӣ ва таҷрибаи шахсии муаллиф зоҳир мегардад. Ворид шудани унсурҳои сюжет, пайдарҳамии амал, лаҳзаҳои мушаххаси зиндагӣ ва ҳузури фаъоли шахсияти шоир доираи маъмули шеъри ғиноиро васеъ карда, имкони баёни масъалаҳои иҷтимоӣ ва ҳолатҳои руҳиро фароҳам овардааст. Дар чунин шеърҳо воқеа василаи

кушодани ҳолати ботинӣ, мавқеи маънавӣ ва муносибати муаллиф ба воқеияти замон мегардад [5-М].

14. Баррасии мазмун, сохт, анвои шеърӣ, сабк ва воситаҳои тасвири бадеии осори Аскар Ҳаким муайян месозад, ки мақоми ӯ дар назми муосири тоҷик бештар ба қобилияти пайвастани суннати шеърии гузашта бо талаботи маънавӣ ва иҷтимоии замони нав вобаста аст. Густариши мавзуъҳои иҷтимоию фалсафӣ, тақвияти панду ахлоқ, таҷдиди имкониятҳои ғазалу рубоӣ ва дигар шаклҳои суннатӣ, таҷрибаҳои чаҳорпора ва шеъри озод, истифодаи воқеиятнигорӣ ва тасвирҳои маъноофарин симои эҷодии ӯро муайян кардаанд. Аз ин нигоҳ, осори Аскар Ҳаким барои шинохти тағйироти шеъри тоҷик дар гузариш аз давраи шуравӣ ба замони Истиқлоли давлатӣ ва барои таҳқиқи сабки фардии шоирони нимаи дуюми асри XX ва оғози асри XXI маводи арзишманди адабиётшиносӣ фароҳам меорад [2-М; 5-М; 9-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Бо такя ба натиҷаҳои бадастомада тавсияҳои зер пешниҳод мегарданд:

1. Натиҷаҳои марбут ба марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули сабки фардии Аскар Ҳаким метавонанд дар таҳқиқи масъалаҳои сабкшиносии шеъри муосири тоҷик, махсусан, дар муқоисаи хусусиятҳои эҷодии шоирони нимаи дуюми асри XX ва давраи Истиқлоли давлатӣ, мавриди истифода қарор гиранд.

2. Ашъори дорои мазмунҳои ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, сулҳу ваҳдат, ахлоқ, панду ҳикмат ва масъулияти маънавии инсон барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, хрестоматияҳо ва дастурҳои омӯзишӣ оид ба адабиёти муосири тоҷик маводи муносиб ва судманд фароҳам меорад.

3. Хулосаҳои бадастомада оид ба тағйири мазмуну мундариҷаи ашъори Аскар Ҳаким дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ метавонанд дар омӯзиши таъсири воқеияти сиёсиву иҷтимоӣ ба тафаккури бадеӣ ва таҳаввули мавзуъҳои шеъри муосири тоҷик ҳамчун асоси таҳқиқоти минбаъда хизмат намоянд.

4. Таҷрибаи Аскар Ҳаким дар истифода ва таҳдиди ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, фард, қитъа, маснавӣ, чаҳорпора ва шеъри озод барои таҳқиқи масъалаҳои жанр, сохтори шеър ва таносуби шаклу мазмун дар назми муосири тоҷик аҳаммияти назарӣ ва амалӣ дорад.

5. Ҷанбаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, воқеиятнигорӣ, устуравӣ ва масалгароии ашъори Аскар Ҳаким, вазифаи маъноиву тасвирии санъатҳои бадеӣ дар осори ӯ метавонанд дар пажуҳишҳои минбаъдаи поэтикаи шеъри муосири тоҷик боз ҳам амиқтар мавриди омӯзиш қарор гиранд.

6. Шеъри озоди Аскар Ҳаким аз ҷиҳати вазн, қофия, сохтори мисраъ, таркиби наҳвӣ, низоми тасвир ва муносибати шакл бо мазмун барои таҳқиқи муқоисавӣ бо осори дигар намояндагони шеъри нави тоҷик маводи арзишманд фароҳам меорад ва метавонад дар муайян намудани ҷойгоҳи таҷрибаи эҷодии ӯ дар таҳаввули шеъри озоди тоҷик мусоидат намояд.

7. Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ҳангоми таълифи таърихи адабиёти муосири тоҷик, таҳияи курсҳои махсуси «Шеъри муосири тоҷик», «Сабкшиносӣ», «Поэтикаи шеър» ва «Назарияи назм», дар пажуҳишҳои марбут ба таҳаввули шеъри тоҷик аз охири давраи шуравӣ то замони Истиқлоли давлатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гиранд.

РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Қаҳорзода, М.В. Мақоми илмӣ, адабӣ ва таҷрибаи зиндагии Аскар Ҳаким дар ташаккули шеъри иҷтимоӣ ва фалсафии муосири тоҷик [Матн] / М.В. Қаҳорзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. - №2 (58). – С. 258-266.

[2-М]. Қаҳорзода, М.В. Ташаккули сабку услуб ва густариши маъноҳои иҷтимоиву фалсафӣ дар эҷодиёти Аскар Ҳаким дар даврони истиқлоли давлатӣ [Матн] / М.В. Қаҳорзода

// Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. - №3 (59). – С. 306-314.

[3-М]. Абдурраҳимзода, Б.А., Қаҳорзода, М.В. Ҷанбаҳои воқеиятнигорӣ ва таҷрибаи зиндагӣ дар шеъри Аскар Ҳаким [Матн] / Б.А., Абдурраҳимзода, М.В. Қаҳорзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. - №4 (60). – С. 257-266.

[4-М]. Қаҳорзода, М.В. Тафаккур ва рисолати иҷтимоӣ дар шеъри Аскар Ҳаким [Матн] / М.В. Қаҳорзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. - №4 (117). – С. 177-185.

[5-М]. Қаҳорзода, М.В. Унсурҳои воқеиятнигорӣ дар ашъори Аскар Ҳаким [Матн] / М.В. Қаҳорзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2026. - №2 (62). – С. 289-296.

Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[6-М]. Қаҳорзода, М. Маънишиносӣ ва ҳикматомезии зарбулмасалу мақолҳо дар ашъори Аскар Ҳаким [Матн] / М. Қаҳорзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи забони тоҷикӣ дар ҳифзу густариши арзишҳои минтақаи Осиё». – Душанбе, 2025. – С. 334-342.

[7-М]. Қаҳорзода, М. Хусусиятҳои воқеанигорӣ ва сюжетсозӣ дар ашъори ғиноии Аскар Ҳаким [Матн] / М. Қаҳорзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Муоширати бисёрфарҳангӣ, нақши забонҳо, адабиёт ва илм дар рушди ҷомеаи муосир». – Душанбе, 2025. – С. 423-433.

[8-М]. Қаҳорзода, М. Сабк ва услуби эҷодии Аскар Ҳаким: таҳлили воситаҳои бадеӣ [Матн] / М. Қаҳорзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Робиндранат Такур ва мақоми ӯ дар густариши равобити адабии Шарқу Ғарб». – Душанбе, 2025. – С. 462-467.

[9-М]. Қаҳорзода, М. Тасвир ва тавсифи Ватан дар ашъори Аскар Ҳаким ва Ӯткир Раҳмат [Матн] / М. Қаҳорзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами филологияи Шарқ ва робитаҳои забониву адабӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ». – Душанбе, 2026. – С. 422-428.

ТАДЖИКСКИЙ МЕЖДУНАРОДНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ ИМЕНИ СОТИМА УЛУГЗОДА

На правах рукописи

УДК: 891. 550
ББК 83. 3 Тоҷ
Қ – 53



КАХОРЗОДА МЕХРОДЖИДДИНИ ВАЙСИДДИН

ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ И ФИЛОСОФСКИЕ АСПЕКТЫ ПОЭЗИИ АСКАРА ХАКИМА

АВТОРЕФЕРАТ
Диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук по специальности 6.2.18. Теория литературы и стилистика

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертация выполнена на кафедре теории и истории литературы факультета филологии и журналистики ТМУИЯ имени С.Улугзаде.

Научный руководитель:	**Абдуррахимзода Бахтиёр Абдуррахим** – кандидат филологических наук, проректор по науке и инновациям Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода
Официальные оппоненты:	**Косимзода Солех Салим** – доктор филологических наук, начальник управления магистратуры, аспирантуры и докторантуры (PhD) Национальной академии наук Таджикистана;
	Миралиева Сарварби Толибовна – кандидат филологических наук, главный специалист – пресс-секретарь и ответственный за сайт Таджикского института физической культуры имени Сайидмумина Рахимова
Ведущая организация:	**Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни**

Защита диссертации состоится 11 декабря 2026 года в 13:00 на заседании диссертационного совета 6D.KOA-118 при Таджикском международном университете иностранных языков имени Сотима Улугзода (адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, район Сино, ул. Мухаммадиева, 17/6, зал Учёного совета; e-mail: mustafo0612@mail.ru; телефон: (+992) 93-544-54-50).

С диссертацией и авторефератом можно ознакомиться в библиотеке и на сайте Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода: www.dbz.tj.

Автореферат разослан «___» _____ 2026 года.

Учёный секретарь диссертационного совета, кандидат филологических наук Боев Ш. Э.

ВВЕДЕНИЯ

Актуальность темы исследования. Анализ философского, морального содержания, стилистических и реалистических особенностей в поэзии Аскара Хакима играет важную роль в оценке места автора в современной таджикской литературе. Советская таджикская литература, в частности, её поэзия, изначально характеризовалась реализмом, простотой, торжественностью и лозунгами. С шестидесятых по девяностые годы XX века эта особенность была дополнена «новыми движениями, появлением свежих идей и этапом возвращения к своей оригинальности» [13, с. 73]. Исследователь М. Шакури оценил специфику поэзии этого периода следующим образом: «С шестидесятых годов XX века до наших дней таджикская поэзия Фароруда – это исследовательская поэзия, а её художественное исследование носит скорее аналитический, а иногда и описательный характер» [73, с. 105-118]. Именно на этом этапе формирования исследовательской поэзии в первой половине семидесятых годов ряд новаторских поэтов встал на путь творчества, одним из которых был Аскар Хаким. Благодаря их усилиям исследовательская поэзия совершенствовалась и укреплялась. Со второй половины восьмидесятых прошлого века и начала девяностых XX века, в связи с политическими и социальными изменениями, свободой слова и государственной независимостью страны, в таджикскую исследовательскую поэзию добавились самоирония, революционные и даже, в некоторой степени, отчаянные тона. Исследователь Х. Асодозада объяснил этот процесс следующим образом: «Таджикская поэзия изменила свой процесс развития, начиная с 1985-1986 годов, и в ней появились новые тенденции» [14, с. 612]. В частности, в этот период стихи Аскара Хакима, в частности, из серии «День надежды» (1987-1990), приобрели новое значение. После достижения политической, экономической и социальной стабильности в конце 1990-х годов исследовательская поэзия вступила в новую фазу, к которой добавились философские, моральные, назидательные и реалистические элементы. Изучение этого явления становится возможным благодаря исследованию творческого пути и

появления уникального стиля, новых тем и новаторства в поэзии одного из главных представителей этого периода, Аскара Хакима, и может помочь правильно оценить состояние современной таджикской поэзии. Потому что, во-первых, «поэзия этого периода имела и продолжает иметь большое политическое и практическое значение в воспитании нового поколения самосознательных людей в нашем современном обществе» [39, с. 13]. Кроме того, изучение творческой деятельности Аскара Хакима, особенно в период независимости страны, позволит дать ценную оценку роли интеллигенции и творческих лиц страны в установлении мира, стабильности, спокойствия и взаимопонимания. Тема данной диссертации имеет большое научное значение для определения специфики поэзии поэта последних двух десятилетий советской эпохи и переходного периода, формирования нового стиля и метода, а также нововведений в содержании, форме и структуре поэзии, и способствует повышению чувства патриотизма, нравственности и культуры граждан. Наконец, актуальность темы исследования выражается в том, что она считается первым и наиболее всесторонним исследованием, раскрывающим философские, моральные, воспитательные, назидательные и реалистические аспекты поэзии Аскара Хакима.

Степень изученности темы исследования. Об особенностях поэзии поэтов третьего поколения современной таджикской литературы, включая Аскара Хакима, проводились в ранний период их деятельности – с шестидесятых по девяностые годы прошлого века, содержание их стихов не изучено в полной мере, положение философских, моральных и реалистических идей в поэзии Аскара Хакима также не изучено в полной мере. В работах исследователей М. Шакури [66; 67], С. Табарова [57], Г. Шарифова [70; 71], Г. Асозоды [14; 15, с. 39-79], А. Сатторова [55], А. Набави [38, с. 218-230], А. Сайфуллоева [53, с. 200-206], Ю. Акбарзоды [12; 13], М. Мирзоюнус, [35, с. 124-134], С. Косимов [29] и другие, рассматривая поэзию этого периода, который можно назвать переходным периодом, также указывают на специфику поэзии, стиля и использования художественных искусств в поэзии

Аскара Хакима. Исследования этих ученых носят преимущественно теоретический характер, а практические аспекты, включая инновации, использование философского, поэтического и реалистического содержания в стихов поэтов, особенно в период обретения независимости страны, не были проанализированы и обсуждены. С учетом этого, имеющиеся научные источники можно разделить на две части:

1) ***Теоретическое*****.** Во-первых, были использованы произведения классической таджикской литературы, работы и статьи современных исследователей и поэтов Т. Зехния [26], У. Тоирова [58; 59; 60; 61], Р. Мусульмониона [37], Р. Ваххобзоды [21; 22], М. Нарцикула [40, с. 65-34; 41; 42, с. 265-274; 43, с. 275-286], К. Насрулло [44, с. 175] о поэзии, искусстве поэзии и искусстве воображения.

Кроме того, сам Аскар Хаким является автором ряда фундаментальных исследований поэзии современных поэтов и теории поэтики, которые также были эффективно использованы. В таких научных работах, кандидатских и докторских диссертациях Аскар Хаким исследовал процесс, новаторство, триумфы и поражения поэзии своих современников. В частности, в своей докторской диссертации он рассмотрел важные и сложные вопросы литературной теории и особенности современной таджикской поэтической поэзии, а также сделал соответствующие выводы. Подобные исследования и диссертации Аскара Хакима могут быть использованы в практической работе для понимания важных теоретических вопросов предмета, включая понимание поэтической поэзии, философскую поэзию, поэтического героя, повествование и реализм в поэзии и т. д.

2) Произведения и статьи, посвященные анализу поэзии Аскара Хакима. Поскольку поэзия Аскара Хакима является привлекательной, с 1980-х годов много работы и статьи таджикских ученых посвящены исследованию его стихов, обзоры и интервью, предисловия к сборнику стихов Аскара Хакима – собраны в семитомном «Собрании сочинений» поэта, том 7 [7] и в сборнике, опубликованном по случаю 75-летия поэта – «Аспекты таланта» [47]. Среди них статьи Р.

Хамзатова [65, с. 15-19], А. Рахмонзоды [50, с. 20-28], М. Диноршоева [25, с. 39-101], Ф. Рахими [49, с. 3-14], А. Сайфуллоева [53, с. 200-206], А. Абдуманнонова [9, с. 212-217], Б. Шарифзода [69, с. 102-123], М. Мирзоюнус [35, с. 124-134], А. Абдуллоев [8, с. 153-158], Ш. Рахмонов [51, с. 195-197], Дж. Бакозода [18, с. 198-204], Н. Файзуллоев и Н. Салимов Н. [63, с. 207-211], А. Набави [38, с. 218-230], Гульназар [24, с. 265-270], А. Казва [27, с. 249-253], С. Сухоян [54, с. 271-279], А. Шеардуст [68, с. 284-301], С. Саидов [56, с. 363-370], М. Аджами [17, с. 385-407], М. Мехрдод [33, с. 421-426] отличаются научным содержанием. В частности, исследование М. Диноршоева имеет большое научное и практическое значение, поскольку оно всесторонне рассматривает один из важных вопросов нашего исследования – место философии в поэзии Аскара Хакима. Исследователь, связывая стихи с философией, рассматривает поэзию Аскара Хакима с точки зрения отражения в ней философских вопросов, взглядов поэта на философию и его мудрости.

Среди последних исследовательских работ можно упомянуть кандидатскую диссертацию Б. Рахимзода «Аскар Хаким – поэт, критик и исследователь современной таджикской литературы» [48], которая представляет собой всесторонний обзор научной и творческой деятельности Аскара Хакима. Главной целью исследователя был рассмотрение научно-литературной деятельности Аскара Хакима, и в некоторой степени он достиг своей цели. Помимо того, работа предоставляет общую информацию о содержании и поэтике стихов Аскара Хакима, и исследований по этой теме немного. На наш взгляд, для достижения главной цели следовало бы более глубоко изучить научную и литературную деятельность Аскара Хакима. В упомянутой работе место философских, моральных и этических идей упоминалось лишь изредка, а вопрос реализма не обсуждался. Поэтому можно сказать, что содержание нашей работы отличается от тезиса Б. Рахимзоды. Если в исследовании Б. Рахимзода взгляды Аскара Хакима на поэзию и поэтику обсуждались на основе его теоретических

исследований, то в нашей работе будет изучена особенность его стихов и определенный взгляд поэта на эту проблему.

Хотя подобные исследования проводились по периодизации творческой деятельности, по специфике поэзии, этого недостаточно. Отсутствуют обширные научные исследования места философских тем, мудрости, реализма в поэзии Аскара Хакима, а также формирования творческого стиля, новаторства в творчестве и связи его поэзии с другими поэтами. Следовательно, в данной работе будет рассматриваться исследование поэзии Аскара Хакима как одно из основных частей современных таджикских стихов и её непосредственная связанность.

Кроме того, журналисты Б. Кодирдухт, О. Нозир и Ш. Адхамзод взяли интервью у Аскара Хакима и обсудили многие важные вопросы творческой деятельности поэта, включая темы и содержание его стихов, взгляды поэта на поэзию и поэтическую деятельность в целом, важные социальные события, а также цели и просьбы поэта. Например, рассматривая вопрос реализма и сюужета в художественном произведении, включая поэзию, они отметили, что многие моменты жизни поэта художественно изображены в его стихах. Сам Аскар Хаким предоставил ценную информацию по этому вопросу в ходе интервью и исследований.

Связь исследования с программами (пректами) и научными темами. Диссертационное исследование тесно связано с государственными программами, национальными стратегиями и приоритетными научными темами. Диссертация выполнена на основе программы научных исследований кафедры теории и истории литературы факультета филологии и журналистики Таджикского международного университета иностранных языков им. Сотима Улугзоды, и ее перспективы определены в рамках этой программы.

ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

Цель исследования. Цель исследования – оценка тематик и содержания поэзии Аскара Хакима в последние десятилетия советской эпохи и в период Независимости страны,

изучить формирование поэтического стиля, философские аспекты, действительность, реализм в переходный период, а также исследовать новшества в творчестве поэта. В этом контексте исследовано содержание поэзии в последние годы советской эпохи и переход к новому стилю, вклад и значение поэтического творчества в период фундаментальных изменений в обществе, а также формальные и содержательные новшества. Также оценивается влияние поэзии Аскара Хакима на политическую и социальную стабильность общества, особенно в период обретения независимости, появление новых поэтических стилей и их распространение в современной таджикской поэзии.

Задачи исследования. С учетом специфики данной темы предлагаются следующие задачи:

– определить этапы творческой деятельности Аскара Хакима;

– объяснить тематику, содержание и структуру стихотворений Аскара Хакима на основе «Собрания сочинений» поэта;

– определить философскую, моральную и назидательную эволюцию в содержании стихах поэта;

– изучить тему традиции и новаторства в традиционных формах поэзии поэта;

– выявить стилистические особенности и искусство речи в стихах Аскара Хакима;

– изучить формальные особенности и развитие новой поэзии в стихах Аскара Хакима;

– обосновать стихи Аскара Хакима как метод и стиль, специфичные для поэта;

– оценить значение поэзии Аскара Хакима в духовном, нравственном и патриотическом воспитании общества;

определить причины, методы и значение поэтического содержания и его влияние на воспитание молодого поколения;

– изучить философское и поэтическое содержание стихов поэта и влияние таких стихов на воспитание нового поколения;

– оценить нововведения Аскара Хакима в традиционной поэзии, включая газели, рубаи и двустишия;

– определить функцию и специфику реалистического стиля в стихах Аскара Хакима.

Объект исследования. Объектом исследования является поэзия Аскара Хакима, представленная в 12 сборниках стихов: «Сборник произведений» (7 томов), «Сборник стихотворений» (2 тома), а также на личных страницах поэта в интернете www.askar-hakim.tj. В рассматриваемом исследовании детально изучаются в основном стихи поэта из первых двух томов «Сборника творчества» («Маҷмуаи осор»), включающих произведения, написанные поэтом до 2017 года. Также объектом исследования, анализа и рассмотрения стал ряд стихотворений последних лет жизни поэта, опубликованных на сайте автора. Кроме того, важными источниками работы считаются многочисленные научные работы, кандидатские и докторские диссертации Аскара Хакима, научные статьи исследователей поэзии и теоретические труды литературной критики по изобразительному искусству, метру и структуре поэзии, а также имеющиеся исследования о состоянии современной поэзии, опубликованные в книгах, сборниках и изданиях.

Тема (предмет) исследования. Предметом исследования является изучение содержания поэзии Аскара Хакима, основ формирования поэтического искусства, его уникального стиля в современной поэзии, отражения философских, нравственных и реалистических тем, особенностей формы и содержания поэзии поэта в разные исторические периоды, вклада поэта в развитие новой поэзии, использования художественных и образных искусств в его стихах, традиций и нововведений, использования нового содержания в старой форме, нововведений в форме и содержании поэзии, влияния поэзии поэта на мысли и духовность народа. Исследование охватывает два периода творческой деятельности поэта – советскую эпоху и период независимости, и рассматривает особенности каждого периода.

Теоретические основы исследования. Теоретическая основа данной диссертации базируется на работах таджикских литературных критиков С. Айни [1], А. Лохути [30, с. 113-114;

31, с. 150-167], М. Турсунзода [62, с. 85-88], М. Шакури [66; 67], Т. Зехни [26], А. Маниёзова [32], С. Табарова [57], А. Сайфуллоева [53, с. 200-206], Ю. Акбарзода [12; 13], У. Тоирова [58; 59; 60; 61], Р. Ваххобзоды [21; 22] и других, а также на теоретических работах самого Аскара Хакима и исследованиях современных литературных критиков по искусству речи и элементам современной поэзии.

Научная новизна исследования. Новизна исследования состоит из следующих пунктов:

– впервые систематически и всесторонне изучено место философской, моральной и реалистической поэзии в творчестве Аскара Хакима, а также творческие и новаторские поиски поэта;

– впервые практически исследована и обсуждена взаимосвязь философии, морали и реализма как основной основы научного и художественного мировоззрения Аскара Хакима на основе текстового анализа и стилистического подхода, раскрывающего эстетическую концепцию поэта;

– впервые изучены творческие поиски и новаторство поэта в интеграции традиции и обновления, использование традиционных форм с введением нового социально-реалистического содержания, эволюция поэтической, свободной поэзии и развитие свободных форм выражения в современной таджикской поэзии;

– в исследовании проанализированы и обобщены поэтические особенности выражения философских, моральных и поэтических идей, проявление реализма через различные методы создания образов как факторы, определяющие стиль Аскара Хакима;

– в диссертации на научной основе оценивается духовное и социальное значение стихов поэта в укреплении национального самосознания, формировании нравственного мышления и духовном воспитании общества в эпоху независимости;

– впервые рассматриваются изучение, исследование и анализ новаторских стихов Аскара Хакима, создание им новых форм поэзии, таких как четверостишия с заключительным стихом, введение нового содержания в традиционные формы,

такие как социальные газели, двустишия, рубаи и философские, моральные и нравственно-нравственные учения, а также их значение для общества;

– подробно обсуждалось возрождение классического искусства рубаи и введение в него нового содержания;

– рассматривалось использование новых художественных форм, слов, фраз и понятий в поэзии, продолжение и развитие формы и содержания свободной поэзии;

Основные положения, выносимые на защиту:

1. Установлено, что формирование творческой личности и поэтического пути Аскара Хакима напрямую связано с литературной средой, социальной реальностью и историческими изменениями его времени, а эволюция его поэзии от начального этапа творческого развития до зрелого периода включала значительные изменения в содержании и стиле. На первом этапе большее место занимали описательные и любовные стихи, а затем расширился круг тем и вопросов, рассматриваемых поэтом. В частности, социальные волнения и проблемы первых лет государственной независимости повлияли на содержание его поэзии, усилив внимание к судьбе человека, общества, а также к социально-духовным вопросам. Эти факторы также сыграли эффективную роль в формировании уникального стиля и манеры поэта.

